# ВАҲДАТ – САОДАТИ МИЛЛАТ!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 4 (204) 24-УМИ ИЮНИ СОЛИ 2025, СЕШАНБЕ




**Сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ барои мо арзишҳои ҳаётан муҳимме мебошанд, ки ба шарофати онҳо мардуми Тоҷикистон ҳоло ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат, амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ ва осоиши ҳар як хонадон сарҷамъу аҳлона заҳмат мекашанд.**

**Имрӯз мардуми мо хуб дарк мекунанд, ки зиндагии осудаву ороми ҳар як оила, амалӣ гардидани нияту орзуи ҳар як шаҳрванд, ободии Ватан ва пешрафти давлат танҳо дар сурати пойдор будани сулҳу суботи комил имкон дорад.**

**Дар чунин шароити ниҳоят ҳассоси ҷомеаи башарӣ, яъне торафт мураккаб гардидани авзои сиёсиву иқтисодии ҷаҳон ва печида гардидани раванду тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳифзи сулҳу суботи ҷомеа ва таҳкими ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат ба шумор меравад.**

**Тамоми афроди ҷомеа — аз хурд то бузург бояд ба қадри аҳаммияти ҳаётии сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расанд ва ин неъмати бебаҳоро баробари дастоварди бузургтарини таърихи навини кишвари азизамон, яъне истиқлолу озодӣ чун гавҳараки чашм эҳтиёт ва ҳифз намоянд.**

**Мову шумо бояд сарзамини зебои худро сидқан дӯст дорем, ба қадру қимати Ватану ватандорӣ расем ва шукронаи сулҳу амнияти кишвар ва ваҳдати миллиро ҳамеша ба ҷо оварем.**

Эмомалӣ РАҲМОН

Боиси ифтихору сарфарозист, ки имрӯзҳо дар тамоми гӯшаю канори Ватани маҳбубамон бузургтарин, беназиртарин ва арзишмандтарин дастоварди миллати тоҷик дар интиҳои қарни гузашта, муқаддастарин ҷашнвораи миллии замони соҳибихтиёрии давлатӣ Рӯзи Ваҳдати миллӣ аз ҷониби кулли сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо шукӯҳу ҷалоли хосса таҷлил гардида, дар ин самт корҳои созандагию бунёдкорӣ вусъати тоза пайдо кардаанд.

Маҳз аз самараву баракати Ваҳдати миллӣ Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пурифтихореро тай намуда, дар самти таъмини шароити зиндагонии арзандаи сокинони кишвар, сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, бунёди ҷомеаи адолатпарвар, таҳкими рукнҳои асосии давлатдорӣ ва эҳёи суннату арзишҳои миллӣ ба комёбиҳои бузург мушарраф гаштааст.

Таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош ва хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон тасаввур кардан имконнопазир аст. Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Бовар дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт.

Аз ин хотир, тамоми мардуми шарафманди кишварро ба ифтихори таҷлили ҷашни 28-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ самимона табрик намуда, бароятон саломативу хушрӯзӣ, ҳаёти осоиштаву пурсаодат ва саршор аз меҳру муҳаббатро ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз таманно менамоям.

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, ректори ДМТ.**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Шерализода Миралӣ
ШЕРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Идизода Ф.Ф.**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи граждanӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# МАРКАЗИ ТАШХИСУ ТАБОБАТ ВА ТАЪЛИМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ГИРИФТ

Санаи 20 июни соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳраки донишҷӯён Маркази ташхису табобат ва таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд.

Бинои мазкур дар партави сиёсати хирадмандона ва маорифпарваронаи президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба ҷашни 35 солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд гардидааст.



Дар ин иншоот толори маҷлисгоҳ барои 60 нафар, 61 утоқи корӣ ва дигар ҳуҷраҳои зарурӣ ба монанди ташхиси рентгенӣ, томографияи резонанси магнитӣ, ташхиси ултрасадо, табиби сироятшинос, дандонпизишкӣ, урологӣ, ҷарроҳӣ, доругузаронӣ, анестезиологӣ, хунгирӣ, ташхиси биохимиявӣ, дорухона ва озмоишгоҳҳо ҷой дода шудааст.

Марказ имкон дорад, ки дар як вақт ба 300 нафар кормандону омӯзгорон, донишҷӯёни донишгоҳ ва дигар мурочиаткунандагон хизмати баландсифати таббӣ расонад.

Зимни боздид Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳо баҳои баланд дода, ба масъулин барои омода намудани чунин иншооти ҷавобгу ба шароити муосир сипосу миннатдорӣ намуданд.

# ВОХӮРИИ СУДМАНД БО ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ ЯКУМИ ГУРӮҲҲОИ ФОСИЛАВӢ



Санаи, 4 июни соли 2025 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон вохӯрии судманд бо иштироки декани факултет доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва донишҷӯёни соли якуми гурӯҳҳои фосилавӣ баргузор гардид. Чорабинии мазкур дар доираи татбиқи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021-2025 сурат гирифта, ҳадафи он баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, тақвияти масъулияти шаҳрвандӣ ва ташаккули шуури зидди ифротгароӣ дар миёни ҷавонон мебошад.

Таъкид гардид, ки худ ба масъалаҳои марбут ба хатари ифротгароӣ, зарурати риояи қонун, нақши муҳими ҳуқуқшиносони ҷавон дар таҳкими сулҳу суботи ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Муқовимат бо зуҳуроти терроризм ва ифротгароӣ танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ набуда, балки дар ин самт саҳми шаҳрвандон, аз ҷумла донишҷӯён, хеле арзишманд мебошад.

Баргузории чунин вохӯриҳо таъсири амиқ ба тафаккури ҷавонон гузошта, дар баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва ҷаҳонбинии иҷтимоии онҳо нақши муҳим мебозад.



# ҲУҚУҚ ВА ИНСОНДӮСТӢ — МЕҲВАРИ ЯК СӮҲБАТИ ИЛМӢ



27 майи соли 2025 дар факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон семинар илмӣ-амалӣ доир ба татбиқи «Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» баргузор гардид. Дар чорабинӣ устодону донишҷӯён ширкат варзида, масъалаҳои мубрами соҳаи ҳуқуқ ва ислоҳоти низоми ҷазои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Дар ҷаласа Шарифов Тақдиршо — доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи ДМТ, инчунин, Маҳмудов Изатулло — номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Устодон дар суханрониҳои худ ба мавзуъҳои муҳимми марбут ба баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, омӯзиш ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, ҷалби ҷомеа ба раванди мубориза бо кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва таҳкими эътимод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Иштирокчиён аз ҷараёни ҷаласа ва суханронии устодон як ҷаҳон маърифату фаҳмиши ҳуқуқӣ бардоштанд ва барои маслиҳатҳо ва тавсияҳои муфиди ҳуқуқӣ ба онҳо изҳори миннатдорӣ намуданд.



# ҚАДРДОНИИ ҒОЛИБОНИ ОЛИМПИАДАИ ҶУМҲУРИЯВӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Дар даври ниҳоии олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишҷӯйи соли 3-юми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Саидзода Муҳаммадҷон аз фани ҳуқуқ иштирок намуда, сазовори мақоми аввал гардид.

Ҷиҳати ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъол, ғолибони олимпиада ва роҳбарони онҳо бо ташаббус ва иқдомоти созандаи Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахусус, ректори Донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. санаи 22 майи соли 2025 дар толори Донишкадаи Конфутсийи ДМТ маросими қадрдонӣ баргузор гардид.



Боиси хушнудист, ки дар рафти он Саидзода Муҳаммадҷон барои касб намудани мақоми аввал дар олимпиада бо сипосномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.



# ХУШХАБАР

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун кохи бузурги донишу хирад дар тарбия намудани ҳуқуқшиносони варзида ва кадрҳои баландихтисос нақши босазо дорад. Хурсандиовар аст, ки теъдоди устодони унвондор дар факулет рӯз аз рӯз ба маротиб зиёд гардида, онҳо пайваста бо унвонҳову дастовардҳои илмӣ сарфароз гардонида мешаванд ва ба ин васила хазинаи илмии мамлакатро бою ғанӣ мегардонанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр санаи (24.05.2025) муаллими калони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҷабзода Хайём Раҷаб рисолаи номзадии худро дар мавзуи “Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти андоз дар ҶТ” сарбаландона дифоъ намуд.



Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” Раҷабзода Х.-ро ба ин дастовардаш аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба ӯ рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно менамояд.

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶТ ВА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МОЛУ МУЛК ВА ҲУҚУҚҲОИ МОЛУМУЛКӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ



**РАҲИМЗОДА Маҳмад**
**профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Ҳамчун категорияи ғайримоддӣ иттилоот на танҳо дар муносибатҳои байни субъектҳои воқеии ҳуқуқи маданӣ, балки дар фазои маҷозӣ (Интернет) дар байни субъектҳои гуногуни он бавуҷуд меояд. Ҳамин тавр, тибқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон "иттилоот"-ро ба "иттилооти ҳифзшаванда" ҳамчун категорияи неъмату ҳуқуқҳои молумулки (молу мулк) ва "иттилоот" ҳамчун неъмати шахсии ғайримолумулкӣ ҷудо карда мешавад. Вале, "иттилоот" ҳамчун неъмати шахсии ғайримолумулкӣ ба ҳайси объекти мушаххас дар қ.3 м. 136 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда нашудааст. Ба ақидаи мо бо дарназардошти оне, ки Кодекси маданӣ иттилоотро ба ҳайси объекти мустақили ҳуқуқҳо шахсии ғайримолумулкӣ пешбинӣ менамояд, дар қ.3 м.136 КМ бо таври мушаххас пешбинӣ намудани он зарур мебошад.

Бояд қайд намоем, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1099) "амал (беамали)-ро бо таври мушаххас ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ эътироф карда буд. Дар Кодекси мадании ҶТ (соли 2022) онро бо таври мушаххас дар м. 136 ҳамчун объекти ҳуқуқҳо маданӣ эътироф накарда, дар м. 162 муқаррар менамояд, ки агар дар конун "Амал (беамали)" ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ пешбини карда шуда бошад "Амал (беамали) метавонад объекти ҳуқуқҳои маданӣ бошад. Чунин навишт мантиқан нодуруст мебошад. Амал дар баъзе мавридҳо ба ҳайси объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла дар Боби 62 Амалҳо ба манфиати ғайр бе супориш нишон дода шуда, дар дигар мавридҳо дар катори маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳо, субъектҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳамчун қисми таркибии онҳо ҳисобида мешаванд. Ба воситаи "амал" субъектҳои ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои ҳуқуқии гуногуни молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии худро анҷом медиҳад. Хуб мебуд, ки бо таври мушаххас "амал"дар м. 136 КМ ҶТ ба ҳайси объекти ҳуқуқи маданӣ муқаррар карда мешуд. Пас зарурият ба ин модда намебуд.

Тибқи КМ ҶТ воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ба ҳайси объектҳои нави ҳуқуқҳои маданӣ бо таври мушаххас дар м. 136 муқаррар карда шуд. Истифодаи пулҳои ғайринақдӣ дар муомилоти маданӣ гузаронидани маблағро аз як суратҳисоб ба дигар суратҳисобро дар назар дорад. Зарурияти минбаъдаи рушди пардохтҳои ғайринақдиро Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 28 декабри соли 2024 "Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" баён намуданд, ки то охири соли 2025 пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои буҷетӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ пурра таъмин карда шуда, оид ба баланд бардоштани нишондиҳандаи пардохтҳои ғайринақдӣ чораҳо зарури андешида шавад. Барои пулҳои ғайринақдӣ хусусиятҳои зерин хос мебошад: а) мавҷуд набудани додани ҷисмани пул; б) ба муносибатҳои ҳуқуқии ғайринақди ҷалб намудани шахсони сеюм (бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд). Қайд намудан бамаврид аст, ки дар замони Шуравӣ ва то қабули Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти ғайринақдии маблағҳои пулӣ ҳамчун уҳдадориҳои иловагии ҳамагуна муносибатҳои ҳуқуқии муздноки тарафҳо дар уҳдадориҳои шартномавии субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқҳои маданӣ дониста мешуданд. Чунин фаҳмиш аз ҷониби мо қобили қабул дониста нашуда, ва пардохти онҳоро аз тарафи субъекти уҳдадор ҳамчун қисми таркибии уҳдадориҳои шартномавӣ ва муносибатҳои музднокию эквиваленти эътироф мекардем (Раҳимов М. З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву.-Душанбе, 2014). Хушбахтона бо ташаккули муносибатҳои иқтисоди бозорӣ уҳдадориҳои мазкур ба ҳайси неъмату ҳуқуқҳои молумулкӣ (молу мулк) эътироф карда шуданд. Ба ҳайси объекти дигари ҳуқуқҳои маданӣ коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат дониста мешаванд, ки дар қарор оид ба баровардан ё санади дигари шахсе, ки коғазҳои қиматнокро тибқи талаботи қонунгузорӣ баровардааст, мустаҳкам гардидаанд ва амалисозию додани онҳо танҳо бо риояи қоидаҳои баҳисобгирии ин ҳуқуқҳо имконпазир мебошад (қ.2 м. 151 КМ ҶТ). Агар коғазҳои қиматноки ҳуҷҷатӣ ҳуқуқу уҳдадориҳоро ба расмият медаровардa бошад, пас коғазҳои қиматноки беҳуҷҷат ҳамчун ҳуқуқу уҳдадорӣ баромад менамоянд.

Бояд қайд намоем, ки дар ҷомеаи имрӯза табдилёбии ҳамаи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла иқтисодӣ ба шакли рақамӣ ба воқеият табдил ёфтааст. Барои ҳамин ҳам Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси яке аз объектҳои ҳуқуқи маданӣ дар қ.3 м. 521 КМ ҶТ "ҳуқуқи рақами"-ро муқаррар менамояд. Дар он қайд карда мешавад, ки агар аз муҳтаво ва ё хусусияти ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқи рақамӣ тартиби дигаре ба миён наояд, муқаррароти параграфи хариду фурӯш нисбат ба фурӯши ҳуқуқҳои зикршуда татбиқ карда мешавад. Ҳамин тавр, "ҳуқуқи рақамӣ" дар моддаи зикршуда ҳамчун ҳуқуқи субъективии молумулкии шахс (харидор) пешбини карда шуда, ба ҳайси объекти хариду фурӯш эътироф карда мешавад. Ин дар мавриди имрӯза меъёри ягонае дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки вобаста ба истифодаи маълумотҳо дар шакли рақамӣ ва технологияи рақамӣ оиди шартномаи хариду фурӯш бавуҷуд меояд, ба танзим медарорад. Қоидаи мазкур имконият медиҳад, ки ба хулосаи зерин биёем. Аввало, онҳо дар шакли сабти электрони дар смарт-картаҳо нигоҳ дошта шуда, барои соҳибӣ, идора кардан ва ихтиёрдори кардани дороиҳои рақамӣ истифода бурда мешавад. Маблағҳои мазкур дар намуди сабт (файлҳои пулӣ) нигоҳ ва бо назардошти зарурият интиқол дода мешаванд. Сонияи, тибқи шартномаи хариду фурӯш ҳуқуқи молумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқи рақамӣ ба соҳибмулкии харидор тааллуқ дорад (қ.1 м. 521 КМ). Солисан, дар шартномаи хариду фурӯш "ҳуқуқҳои молумулкӣ", аз ҷумла ҳуқуқи рақамӣ мол дар маънои воқеӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, аз объектҳои фурӯш хориҷ намудани онҳо низ қобили қабул намебошад. Зеро, дар моддаи зикршуда сухан бевосита дар бораи фурӯши ин ҳуқуқҳо меравад. Ин шартномаи ғайримуқаррарие мебошад, ки аз рӯи модели шартномаи хариду фурӯш сохта шудааст. Шартномаи мазкур дар асоси музднокӣ ва дар намуди маблағҳои пулии электронӣ бегона кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ барои харидани мол ва кору хизмат анҷом дода мешавад. Пули электроние, ки дар ҳомили электронӣ ба қайд ва нигоҳ дошта мешавад ҳамчун воситаи пардохт истифода бурда мешавад. Онҳоро барои анҷом додани амалиётҳои пардохти дар суратҳисобҳои бонкӣ ё бе онҳо истифода мебаранд. Баъдан, ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои рақамӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои маданӣ метавонад ба сифати моли монанд ба моле, ки дар шартномаи хариду фурӯш додугирифт карда мешавад, баромад намояд. Аз ин ҷо ҳуқуқи рақамӣ, ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи молумулкӣ ба ҳайси объекти хариду фурӯш, баромад карда метавонад. Сухан дар бораи маҷмӯи маълумотҳои электроние, меравад, ки ҳуқуқ ба ашё, натиҷаи кор ва хизмат, ҳуқуқҳои истисноӣ ва дигар молумулкро муқаррар намуда, муомилоти он танҳо ба воситаи гузаронидани сабт дар низоми ташкили ҳисобаробаркунии молиявии электронӣ дар шабакаҳои иттилооти- коммуникатсионӣ анҷом дода мешавад (м. 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи савдои электронӣ" аз 24 декабри соли 2022). Инчунин, ба ҳайси ҳуқуқҳои рақамӣ, ҳуқуқҳои уҳдадорӣ ва дигар ҳуқуқҳое баромад менамоянд, ки мазмун ва шартҳои амалигардонии онҳо тибқи қоидаҳои низоми иттилоотӣ ва талаботи аломатҳои минбаъд аз тарафи қонун муқарраркардашаванда бояд муайян карда шавад. Амали намудан, ихтиёрдори кардан, аз он ҷумла ба гарав мондан, додани ҳуқуқҳои рақамӣ бо дигар тарз ё маҳдуд кардани истифодаи онҳо танҳо дар низоми иттилоотӣ чи тавре, ки дар м.141.1 КГ ФР муқаррар карда шудааст бе муроҷиат ба шахсони сеюм анҷом дода мешавад. Мутассифона, назарияи ҳозираи ҳуқуқи маданӣ ҳоло аломатҳо ва мафҳуми "ҳуқуқи рақамиро" таҳия накардааст. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на Кодекси маданӣ ва на конуни алоҳида муносибатҳои мадании рақамиро ба танзим намедарорад. Аз ин лиҳоз ба андешаи Абдуджалилов А. сухан рондан дар бораи "аҳдҳои рақамӣ", "шартномаҳои рақамӣ", "муносибатҳои ҳуқуқии рақамӣ" асоснок набуда, ва аз лиҳози ҳуқуқӣ хато мебошад. Доҳил намудани ҳуқуқҳои рақамӣ ба ақидаи Ӯ ба номгӯи объектҳои фурӯш, чи хеле, ки дар м. 521 КМ ҶТ нишон дода шудааст аз лиҳози ҳуқуқӣ беасос мебошад (Абдуджалилов А. Цифравое право в контексте Гражданского кодекса Республики Таджикистан/Евразийский юридический журнал. -2024.-№6 (193).-С.141).

Бояд қайд намоем, ки дар шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои маданию соҳибкорӣ дар муомилоти маданӣ "ҳуқуқи рақамӣ" ва "пули электронии рақамӣ" воқеан дар Тоҷикистон истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, дар қатори пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ, ки яке метавонад объекти ҳуқуқи моликиятӣ, дигаре объекти ҳуқуқи уҳдадорӣ бошад, инчунин пулҳои электронӣ ҳамчун қисми таркибии пули рақамӣ дар муомилоти маданӣ амал менамояд. Вале, пули рақамӣ (пули электронӣ) дар худ хусусияти ду шакли авваларо ифода менамояд. Вай ҳамчун пули нақдӣ кор карда, аммо дар намуди рақамӣ вуҷуд дорад, ки истифодаи пули ғайринақдиро хотирнишон менамояд. Барои истифодаи онҳо танҳо кушодани ҳомиёни рақамӣ зарур аст, ки ин ҳам ихтиёрӣ мебошад. Имрӯз шаҳрвандон (фурӯшанда, харидор, миёнравони иттилоотӣ) соҳибкорони инфиродӣ, корпоратсияҳо ва дигар шахсони ҳуқуқӣ аз он самаранок истифода мебаранд. Онҳо дар картаҳои ташкилотҳои қарзии гуногун маблағҳои пулии худро ба ҳайси ҳуқуқи рақамӣ ба пулӣ электронии рақамӣ нигоҳ дошта, ба воситаи онҳо хариду фурӯши мол, натиҷаи кору хизмат ва дигар амалиётҳоро анҷом медиҳанд. Ин воқеиятест, ки ба ҳақиқат табдил ёфтааст. Аз ин ҷо нишондоди м. 521 КМ ҶТ дар бораи "ҳуқуқҳои рақамӣ" аз манфиат холи намебошад. Вале он тибқи моддаи мазкур ҳоло танҳо дар доираи шартномаи хариду фурӯш имкон дорад. Ҳол он, ки мафҳуми он ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқҳои молумулкӣ то дараҷае васеъ буда, метавонад дар доираи дигар уҳдадориҳо ва берун аз он (масалан, нисбат ба ҳуқуқҳои ашёӣ татбиқ карда шуда, хислати нисбӣ ва ҳам мутлақро (масалан, ҳуқуқҳои истисноӣ) вуҷуд дошта бошад. Бо дарназардошти оне, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми дар боло зикршуда, оид ба рушди иқтисодӣ рақамӣ ва дар ҳамин замина такмил додани санадҳои ҳуқуқӣ ибрози ақида карданд, зарурияти танзими ҳуқуқии ҳаматарафаи масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои рақамӣ ва пули рақамиро ҳамчун қисми таркибии иқтисоди рақамӣ ба миён меоварад. Ҷараёни такмили қонунгузорӣ дар оянда бояд на танҳо қонунгузории маданию соҳибкорӣ, балки дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузории конститутсионӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ ва ғ., инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва ҳимояи онҳоро фаро мегирад.

Ҳуқуқи рақамӣ ва пули электронии рақамӣ низ ба ҳуқуқҳои молумулкӣ, аз ҷумла молу мулк доҳил мешаванд. Оне, ки бо таври мушаххас ба ҳайси объектҳои ҳуқуқи маданӣ "ҳуқуқи рақамӣ" ва "пули рақамӣ, аз ҷумла пули электронии рақамӣ" дар м. 136 КМ ҶТ доҳил карда нашудааст ин норасоӣ бо мурури рушди муносибатҳои иқтисодии рақамӣ дар кишварамон бартарафшаванда мебошад. Ҳолигии мазкурро бо роҳи доҳил намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси маданӣ ва моддаҳои алоҳидаи он, инчунин дигар санадҳои танзимкунандаи муносибатҳои рақамӣ бартараф намудани мумкин аст.

**(идома аз шумораи 2)**

# ТАФТИШ Ё САНҶИДАНИ ДАЛЕЛҲО: ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ - ҲУҚУҚӢ



**ШЕРАЛИЗОДА Миралӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**



**МАДВАЛИЗОДА Комёр**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

Мусаллам, аст ки забон ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳоли инкишофу такмил ва тағйиру таҳаввул буда, ба он пайваста тавассути расонаҳои мухталифи ахборӣ мафҳумҳои нав ва маълумоти тозаи фаровон ворид мегардад. Аз ҳамин хотир, зимни омӯзиши монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ пай бурдан мумкин аст, ки ба ҷои тафтиши далелҳо, истилоҳҳои «таҳқиқ», «тадқиқ», «таҳқиқот» ё «санҷидани далелҳо» мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ бахусус истилоҳи «таҳқиқи далелҳо» ва «санҷидани далелҳо» бештар ба мушоҳида мерасад.

Масалан, донишманди маъруфи ватанӣ З.Ҳ. Искандаров дар хусуси мавриди истифода қарор гирифтани вожаҳои «тафтиш» ва «санҷиш» дар қонунгузории ҶТ ибрози назар намуда, зикр менамояд: «Мутаассифона моддаи 87 КМҶ бархилофи талаботи ҳаммаъно истифода шудани калимаҳо дар санади меъёрии ҳуқуқӣ нодуруст «тафтиши далелҳо» ном гирифтааст. Маъмулан калимаи тафтишро чун фаъолияти муфаттиш ҳангоми тафтишот ва ё чун як қисми муҳокимаи судӣ – тафтиши судӣ истифода менамоянд. Бинобар ин, хуб мебуд, ки агар номи моддаи 87 КМҶ ба «санҷиши далелҳо» иваз карда шавад. Олимони дигари тоҷик Н.А. Абдуллоев ва академик М.А. Маҳмудов (М.А. Маҳмудзода) низ вожаи санҷиданро рӯйи кор овардаанд.

Яқин аст, ки ин масоили ҳалталаб аз ҷониби муҳаққиқону олимон ба таври мухталиф ҳаллу фасл карда мешавад. Дар ин замина, ақидаҳои олимону муҳаққиқонро вобаста ба ин масоил шартан ба чаҳор гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

Ба гурӯҳи якум олимоне шомил мешаванд, ки таҳқиқи далелҳоро дар ҷараёни тафтиш ворид менамоянд, ба монанди Ф.Н. Фаткуллин.

Ба гурӯҳи дуюм бошад, муҳаққиқоне шомил мешаванд, ки баръакс таҳқиқи далелҳоро дар баробари ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо як ҷузъи мустақили раванди исботкунӣ мешуморанд. Чунончӣ, Р.С. Белкин дар заминаи омӯзиши масъалаи мазкур изҳор менамояд, ки ба ҷойи тафтиши далелҳо категорияи «таҳқиқи далелҳо» истифода карда шавад. Ба ақидаи муҳаққиқи номбурда «таҳқиқи далелҳо ин ҷараёни даркнамоии мазмуни далелҳо ва мавҷуд будани робита бо дигар далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ҷамъовардашуда аз ҷониби муфаттиш ё суд арзёбӣ мешавад». Яъне, моҳияти асосии таҳқиқи далелҳоро мавсуф дар санҷиши саҳеҳ будан ё набудани иттилоот мефаҳмад.

Ба гурӯҳи сеюм олимоне шомил мешаванд, ки мафҳуми «тафтиш» ва «таҳқиқ»-ро ҳамчун синоним дар корҳои илмию таҳқиқотӣ мавриди истифода қарор додаанд, ба монанди В.Д. Арсенев, А.И. Винберг.

Гурӯҳи чаҳорумро як гурӯҳ олимон, аз зумраи Н.А. Василиева, Г.Н. Мудюгина, В.А. Притузова, Л.Т. Улянова, Н.А. Якубович ташкил медиҳанд.

Олимони ишорагардида бар он ақидаанд, ки тафтиши далел унсури мустақили раванди исботкунӣ набуда, онро бо баҳодиҳии далелҳо рабт медиҳанд. Ба ибораи дигар, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо як ҷараёни ягонаву муайянеро ташкил медиҳад. Дар робита ба ин масоил В.А. Притузова қайд менамояд, ки «баҳодиҳии далелҳо маънои муайян кардани муносибатро ба далели мавҷуда, санҷидани эътимоднокии онҳо бо роҳи таҳлил ва муқоиса бо дигар далелҳои дар парванда ҷамъовардашударо дорад».

Гузашта аз ин, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ақидаҳое, низ ҷой доранд, ки тафтиши далелҳоро дар низоми исботкунӣ пурра инкор менамоянд. Масалан, ба назари А.М. Ларин исботкунӣ дар маҷмуъ аз ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳо иборат набуда, танҳо аз фаъолияти мураккаби субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки баҳри даркнамоии ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ равона шудааст, иборат мебошад. Яъне, барои муқаррар кардани ҳақиқат факти асосиро ошкор намудан кифоят аст.

Дар навбати худ, мо бо ақидаи манзуршуда ҳамфикр буда наметавонем. Воқеан, чунин андешаҳо мансуби даврони Шуравӣ буданд ва миёни дигар андешаҳо ба истилоҳ «ҳукмрон» буданд. Аммо, дар фаҳмиши имрӯза, бо дарназардошти инкишоф ёфтани илми мурофиаи ҷиноятӣ ва васеъ шудани предмети исботкунӣ (ҳолатҳое, ки вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, манзур м.85 КМҶ ҶТ) унсурҳои исботкуниро ба ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳои ҷудо менамоянд.

Зимни омӯзиши корҳои илмии минбаъдаи А.М. Ларин пай бурдан мумкин аст, ки мавқеи ӯ нисбати тафтиши далелҳо ва умуман падидаи исботкунӣ каме тағйир ёфтааст. Чунончӣ, муҳаққиқи номбурда чунин мешуморад, ки «тафтиш аз ҷамъ намудани далелҳои иловагӣ иборат аст, ки далелҳои вобаста ба парвандаи ҷиноятии мавҷударо тасдиқ ё рад менамояд». Бо вуҷуди ин, А.М. Ларин тафтиши далелро ҳамчун унсури мустақили исботкунӣ қабул надорад.

Муҳаққиқи дигаре, ки истилоҳи «таҳқиқи далел»-ро истифода менамояд, ин П.Ф. Пашкевич маҳсуб меёбад. Муҳаққиқи зикрёфта изҳор менамояд, ки субъектони исботкунӣ танҳо дар натиҷаи таҳқиқи пурра ва ҳамаҷонибаи далелҳо имконияти баҳодиҳии дурусти онҳоро доранд. Зикр намудан бамаврид аст, ки дар замони муосир муҳаққиқоне низ вуҷуд доранд, ки дар корҳои илмию таҳқиқотии худ истилоҳи «таҳқиқи далел»-ро мавриди истифода қарор додаанд. Муҳаққиқи зикрёфта, дар баробари ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, баъзе унсурҳои дигарро ба сохтори падидаи исботкунӣ, бахусус «таҳқиқи далел»-ро ворид менамояд.

Ақидаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст, андешаи муаллифони «Назарияи далелҳо дар мурофиаи ҷиноятии Шуравӣ» ба шумор меравад. Онҳо бар он андешаанд, ки ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо унсурҳои алоҳидаи исботкунӣ набуда, дар ҳамбастагӣ як ҷараёнро ташкил медиҳанд, ки онро «тафтиши далелҳо» ном мебаранд. Ҳамзамон, изҳор медоранд, ки ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо бо усули умумӣ ба амал баровarda мешаванд. Олими ватанӣ, А.Л. Арипов низ ҷонибдори ҳамин ақида буда, чунин мешуморад: «Раванди исботкунӣ зуҳуроти ягонаест, ки тамоми унсурҳои он (ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо) дар алоқамандии зич қарор доранд. Фаҳмиши оне, ки муфаттиш нахуст далелҳоро ҷамъоварӣ ва сониян онҳоро тафтиш ва баҳодиҳӣ менамояд, воқеиятро таҷассум намекунад».



Ҳамин тариқ, Н.П. Кузнетсов дуруст зикр менамояд, ки «тафтиши далелҳо воқеан унсури мустақили раванди исботкунӣ маҳсуб меёбад ва дилхоҳ амали мурофиавӣ, ки бо ёрии он маълумоти барои парванда аҳаммиятдошта ба даст оварда мешавад, ҳамзамон ба тафтиши маълумоти мавҷуда нигаронида шудааст». Мурофиачиёни дигар низ ҷой доранд, ки мавқеи пешгирифтаи Н.П. Кузнетсовро дар хусуси унсури мустақили раванди исботкунӣ эътироф гардидани тафтиши далелҳо дастгирӣ менамоянд.

Мо низ ҷонибдори ин андеша буда, тарафдори он мебошем, ки тафтиши далелҳо дар баробари дигар унсурҳои раванди исботкунӣ ҷойу мавқеи ҷудогонаи худро соҳиб гаштааст. Ҷиҳати мустаҳкам намудани мавқеи мазкур якчанд амалҳои тафтиширо ишора намудан мумкин аст, ки таъиноти асосии онҳо тафтиш намудани далелҳо мебошад, ба монанди озмоиши тафтишӣ (эксперименти тафтишӣ), санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, рӯбарӯкунӣ, нишон додан барои шинохтан ва ғ.

Таҳлили амиқи КМҶ ҶТ нишон дод, ки дар моддаҳои ҷудогона ибораи «тафтиши далелҳо» ва дар дигар моддаҳо ибораи «таҳқиқи далелҳо»-ро истифода намудааст. Табиист, ки ин ҷо саволе ба миён гузошта мешавад, ки тафовути онҳо аз нигоҳи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ дар чист? Масалан, м.272 КМҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки дар муҳокимаи судӣ ҳамаи далелҳои парванда бояд таҳти тафтиши бевосита қарор дода шаванд. Суд, судя бояд нишондоди судшаванда, ҷабрдида, шоҳид, хулосаи коршиносонро шунавад, далелҳои шайъиро аз назар гузаронад, протокол ва дигар ҳуҷҷатҳоро эълон кунад ва дигар амалҳои судиро оид ба тафтиши далелҳо анҷом диҳад.

Тавре мебинем дар матни моддаи мазкур ибораи тафтиши далелҳо пешбинӣ шудааст ва дар матни моддаҳои 87, 281 ва 293-и КМҶ ҶТ ҳамин зайл 150 ибораи тафтиши далелҳо ҷой дорад. Инак, мегузарем ба таҳқиқи далелҳо. Пас аз иҷрои талаботи моддаи 308 Кодекси мазкур раисикунанда бо мувофиқаи тарафҳо тартиби таҳқиқи далелҳоро муайян мекунад. Суд, судя дар ин бора таъинот (қарор) мебарорад. Тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби тарафҳо муайян карда мешавад. Тағйир додани тартиби таҳқиқи далелҳо аз ҷониби суд, судя, мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ва бо баровардани таъиноти (қарори) дахлдор гузаронида шавад (Моддаи 309-и КМҶ ҶТ). Дар матни моддаҳои 310, 363, 375 ва 433 низ ибораи «таҳқиқи далелҳо» пешбинӣ шудаанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади аз байни бурдани дуҳӯрагӣ ва гуногунфаҳмӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки дар матнҳои КМҶ ҶТ истилоҳи «тафтиши далелҳо» ё ин ки «таҳқиқи далелҳо» истифода карда шавад.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ТАҶАССУМГАРИ ЯКПОРЧАГИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК




Дар бораи аҳаммияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии дар Тоҷикистон Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Рахмон таъкид намуда буданд, ки «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳаммияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас ин Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Вожаи ваҳдат мазмуни васеъ дошта, бо истиқлолият ва озодӣ ҳамбастагӣ дорад. Вақте, ки ваҳдат мегӯем, пеши назарамон якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ягонагӣ ва иттиҳод падид меоянд. Вале ин иттиҳоду ҳамбастагӣ ба осонӣ насиби халқи тамаддунофару сулҳпарвари тоҷик нагаштааст. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ санади таърихие мебошад, ки дар он ормони халқи тоҷик бо каломи ширини сулҳ ва ваҳдат таҷассум ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ҷомаи амал пӯшидани ин орзу гувоҳи тинати поку сулҳпарвар ва заковати баланду хушманди мардуми тоҷик аст.

Раванди Мусолиҳаи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имзо намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27-уми июни соли 1997 буд, оғоз меёбад. Созишномаи умумӣ ҳуҷҷати муҳиму тақдирсоз буд, ки сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба куллӣ дигар намуд. Он ба ҷанги шаҳрвандӣ, ба ҷанги худкушию бародаркуш хотима бахшид. Садҳо ҳазорон одамонро аз ғурбат ба Ватан баргардонида, дар дилу дидаи кулли тоҷикистониён шӯълаи умед партавфишонӣ намуд. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба осонӣ ба имзо нарасидааст. Новобаста аз мушкилиҳо раванди мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон муваффақ гардид. Ҳадафҳои асосии он воқеъӣ гардид. Ҳукумати Тоҷикистон бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон тавонистанд қарорҳои сиёсиро дар амал ҷорӣ намоянд.



**МАВЛОННАЗАРЗОДА Одилбек**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Барои ноил шудан ба ин рӯзи саид халқи тоҷик аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба шарофати хиради азалии худ ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ анҷом бахшид ва тахти парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ гардида, дар фазои сулҳу субот умр ба сар бурда, сарзамини аҷдодии хешро бо азму талоши ватандӯстона ободу зебо гардонад.

**ВАҲДАТИ ДИЛҲОИ МО ПОЯНДА БОД!!!**

# СУЛҲИ ТОҶИКОН – НАТИҶАИ ХИРАД ВА ИТТИФОҚИ МИЛЛӢ



**АБДУЛЛОЗОДА Баҳодур**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия**

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон ба ҳайси як давлати соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд ва демократӣ мавқеи худро пайдо намуд. Аммо, бо вуҷуди ин дастовард, мамлакат дер напоям дар гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарор гирифт. Ин ҷанг, ки бо унвонҳои «ҷанги дохилӣ», «бародаркуш» ва «фоҷиаи миллӣ» дар таърихи навини тоҷикон сабт шудааст, бар тамоми соҳаҳои ҳаёт таъсири харобиовар расонд.

Бо дарки амиқи хатар ва таҳдиди воқеӣ ба ҳастии давлату миллат, мардум ва роҳбарияти оқилонаи кишвар кӯшиш ба харҷ доданд, ки ин ҷангу нооромиро тавассути роҳи осоишта ва гуфтугӯ ҳаллу фасл намоянд. Миллати тоҷик аз замонҳои дерин чун халқи сулҳпарвар ва мушкилкушо маъруф буда, имрӯз низ маҳз ҳамин хислатҳои фарҳангиву маънавӣ сабаб гардиданд, ки ба сӯи сулҳу ваҳдат қадам ниҳанд ва бо хираду заковат роҳи мусолиҳаро интихоб намоянд.

Раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки аз ҳашт давра ва шаш марҳилаи асосӣ иборат буд, ба воситаи музокироти доманадори дохиливу хориҷӣ амалӣ гардид. Гуфтугӯҳои байни ҷонибҳои даргир, ки аз моҳи апрели соли 1994 шурӯъ гардида, дар шаҳрҳои Теҳрон, Москва, Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Тошканд баргузор шуданд, то ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия идома ёфтанд. Имзои ин созишнома ба роҳбарии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон ҳамчун рӯйдоди сарнавиштсоз ва намунаи олии масъулияти таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон сахми як қатор давлатҳо, шахсони алоҳида ва ташкилотҳои байналмилалӣ низ хеле назаррас буд. Аз ҷумла, Федератсияи Россия, Афғонистон, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон; инчунин шахсиятҳое чун Бурҳонуддин Раббонӣ, Аҳмадшоҳи Масъуд, Борис Елтсин, Евгений Примаков ва Нурсултон Назарбоев, инчунин ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, САҲА, Созмони Конфронси Исломӣ ва ИДМ.

Созишномаи сулҳ на танҳо поёни ҷанг, балки оғози марҳалаи нави бунёдкорӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ гардид. Рӯзи 27 июн дар таърихи миллат ҳамчун рӯзи наҷот, ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ ва сулҳи пойдор сабт гардид. Ҳамасола ин рӯз бо шаҳомати хосса дар саросари кишвар таҷлил гардида, ба насли навин сабақи ватандӯстӣ ва қадршиносии сулҳу субот меомӯзад.

Имсол аз имзои он созишномаи таърихӣ 28 сол сипарӣ мешавад. Тоҷикистон имрӯз чун давлати воқеан соҳибихтиёр, ҳуқуқбунёд ва дар арсаи байналмилалӣ шинохташуда арзи ҳастӣ дорад. Бояд ба ёд дошт, ки ба даст овардани сулҳ осон набуд. Ин натиҷаи хиради азалии миллати тоҷик, роҳбарии оқилонаи Пешвои муаззами миллат ва иродаи мардум буд, ки аз оташи ҷанг роҳ ба сӯи якдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллӣ боз шуд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Рахмон, таҷрибаи сулҳоварии Тоҷикистонро чунин баҳо доданд:

«Беҳуда нест, ки таҷрибаи мо дар ҷодаи таъмини сулҳ, ба Ватан, ба макони зист баргардонидани қариб як миллион гурезаҳо ва ташкили ҳамгироии иҷтимоии онҳо аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо воқеъбинона арзёбӣ шуд ва ҳамчун модели нодири сулҳоварӣ эътироф гардид».

Имрӯз ваҳдати миллӣ кафолати суботи ҷомеа ва омили муҳими рушди устувори кишвар маҳсуб меёбад. Ҳар як фарди бонангу номуси кишвар вазифадор аст, ки сулҳро мисли гавҳараки чашм ҳифз намуда, дар атрофи Пешвои миллат муттаҳид бошад ва ба ободиву пешрафти Ватан саҳм гузорад.

Дар фарҷом, ҳамчун шаҳрванди ватандӯст ва сулҳхоҳ, ҷашни муқаддаси 28-солагии Ваҳдати миллиро ба тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадон сулҳу оромӣ, фаровонӣ ва саодати рӯзгор орзу менамоям.

Зинда бод ваҳдати миллӣ — пояи бақои давлат ва саодати миллат!




# НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ ПОЙДОРИИ ИСТИҚЛОЛИ СУЛҲИ ТОҶИКОН



**ИСМОНКУЛЗОДА Сафаргул**
муаллимаи калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Ҳануз 27 июни соли 1997 бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Э. Раҳмон Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон ба имзо расид, ки барои ташаккул ва инкишофи давлатдории миллии тоҷикон заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Сулҳу ваҳдат иборахоянд, ки ҳамеша дилчаспу дилнишин ва бо аҳли шево садо дода, бевосита шунавандаро ба фикр кардан водор месозанд.

Сулҳ, оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст.

Ваҳдат бошад ба ҳам омадан, сар аз як гиребон бурун овардан, ҳамдигарфаҳму поктинату миллатдӯст будан.

Ваҳдат беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, начоти миллат, рушди тоҷикон, нумуи даврон ҳастии инсон дар ҳар замину замон аст.

Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзамони берунмарзи мавкеу мақоми онро дар микёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омӯзиши Созмони Миллали Муттаҳид ва бисёр ташкилотҳои олам гардидааст. Худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ гӯё пандест аз гузаштаи дуру пешрафти маънавиёти кишвар. Танҳо бо роҳи Ваҳдат, якдигарфаҳмии истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем.

Танҳо дар сурати Ваҳдат душвориҳо ва монеаҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад. Ба ақидаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширини сабзонидаамонро чашидем, чомеаи мо аз он баҳравард гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он расад».

Он дарахте , ки Президентамон ба сулҳу Ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо, тоҷикон фахр мекунем. Муносибати нави давлатӣ, сиёсати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, сохтмони роҳҳои нави дохилию берунӣ ва ба хориҷи кишвар баромадани тоҷиконро ба миён гузошт. Роҳи оҳани Қурғонтеппа - Кулоб сохтмони шоҳроҳи Ваҳдат ба мамлакатҳои Осиё, ба сӯи укёнуси чаҳон, роҳҳои калонтарини хушкигард расонид. Ин аҳвол боиси эҳёи арзишҳои миллии роҳи бузурги Абрешим гардид, ки Бохтару Суғдро бо калонтарин давлатҳои ҷаҳон мепайвандад.

Ҳақиқатан Ваҳдати миллӣ шукуфоиии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дӯсти ҳукумфармост, он давлат рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарҷамъ омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имрӯз дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандист, Ваҳдату сулҳ падидор аст.

Хулоса, чун як фарзанди бонангу номус ва баори миллат бо сулҳу ваҳдати кишвари азизам имрӯз меболам ва ифтихор метавонам гӯям.

Пояи сулҳу осоиштагӣ дар ин сарзамини ҳамешабаҳор ба ҳадди бузург мустаҳкам гашт, зеро онро фарзанди бузурги ин сарзамин устуворӣ бахшида такягоҳ аст.

# ВАҲДАТ – ОМИЛИ ПЕШРАФТУ ШУКУФОИСТ

27-уми июн ҳамасола дар кишвари азизамон ҳамчун ҷашни иттиҳоду сарҷамъӣ – Ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба чунин санаи муқаддас калидӣ буда, маҳз ташаббусу ҷоннисориҳои ин шахс буд, ки мо ба ин сана дастёб гардидем.

Башарият гувоҳ аст, ки на ҳама сарварони давлат ба таърих ҳамчун Пешвои миллат ворид шудаанд. Як шахсият вақте ба падидаи Пешвои миллат табдил мешавад, ки вай ба дарки масъулиятнокӣ ва масъулияти таърихии худ дар сарнавишти ҳамватанони худ барои як кишвар барномаи дақиқ ва масири пуриқтидори пешрафтро эҷод ва василаҳои амалӣ шудани онро фароҳам меоварад. Имрӯз бо мақсади арҷ гузоштан ба хизматҳои таърихии ин шахсияти таърихӣ – Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби халқи соҳибиродаву фарҳангсолори тоҷик ба ӯ унвони Пешвои миллатро муносиб донистанд, ки ин садоқати мардумро нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён менамоянд. Дар замоне, ки ҳеҷ кас масъулияти идораи давлатро ба дӯш намегирифт, бо қиммати ҷони хеш, бо мардонагӣ, ҷасуриву далерӣ, бо доштани ғурури миллии тоҷикона, бо лаҳни ширин, бо як ҷаҳон орзуву ниятҳои нек масъулияти давлати фалаҷгардида, ки дар он ягон сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқу қувваи ҳарбии бозътимод вуҷуд надошт ва хазинаи давлат торочгардида буд, онро бар дӯш гирифт. Азбаски мақсаду мароми ӯ танҳо сулҳ буд ва кори худро маҳз аз он оғоз намуда буд, тавонист дар як муддати кӯтоҳ дар дилу дидаи мардум ҷо гирад. Дар давоми се даҳсола ӯ тавонист ба як қатор ҳадафҳои стратегии давлатӣ дастёб гардад ва барои ҳалли як қатор масъалаҳои сатҳи байналмилалӣ бо ташаббусҳои беназири худ тавонист ба ҳайси лидери сиёсии сатҳи байналмилалӣ ба камол расид.



**Наргис ОХУНОВА**
омӯзгори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ

Дар воқеъ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз шахсиятҳои бузурги таърихӣ мебошад, ки рушду ташаккули давлатдории миллии мо, ҳамчун дар шакли давлати соҳибистиқлолу демократӣ, ҳуқуқбунёду иҷтимоӣ бо баинобатгирии таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутамаддин, ба хизматҳои ҳастанопазиру шабонарӯзӣ, қаҳрамонию фидокорӣ, бунёдкорию созандагиҳои ӯ тавъам мебошад.

Барои ба қадри озодиву истиқлол, сулҳу ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободониҳои кишвари маҳбубамон Тоҷикистони азиз расидан, пеш аз ҳама ҳисси милли ватандӯстӣ дошта бошем. Муттаҳид будан дар атрофи сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ин вазифаи имониву инсонии мо ба ҳисоб меравад, зеро иттиҳоду сарҷамъии мо боиси пешрафту шукуфоии Ватани азизамон Тоҷикистони азиз мегардад. Чӣ гунае, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар ҳама баромаду суханрониҳои худ қайд менамоянд, Ватани моро ба ҷуз худи мо, каси дигар обод нахоҳад кард.



# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ЗАМИНАИ РУШДУ ТАРАҚҚӢ



АБДУЛАЗИЗЗОДА Таҳмина
судяи суди н. Шоҳмансур

Ваҳдати миллӣ бузургтарин неъмат ва муқаддастарин арзиши миллӣ мебошад, ки тамоми пешрафту тараққиёт ва комёбиҳову муваффақиятҳои кишвари азизамон, инчунин рӯзгори пурсаодати мардуми шарифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз он маншаъ мегирад. 27 июни соли 1997 дар таърихи навини давлатдории миллӣ ҳамчун яке аз санаҳои муборак ва тақдирсоз, яъне рӯзи баҳамоиву оштӣ ва эълони иттиҳоди ҷовидонаи миллати куҳанбунёди тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст ва мардуми шарифи тоҷик ҳар сол фарорасии онро бо ифтихору шодӣ ва шукӯҳу ҷалоли хосса ҷашн мегирад.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид соли 2000-ум дар ҷаҳон Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ эълон карда шуд ва боиси ифтихору сарбаландии мо тоҷикон аст, ки дар ин иқдом таҷрибаи сулҳи Тоҷикистон низ ба эътибор гирифта шудааст.

Гузашта аз ин, соли 2002 дар шаҳри Душанбе ба муносибати панҷсолагии «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» вобаста ба таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон ва истифодаи он дар нуқтаҳои доғи ҷаҳон конфронси байналмилалӣ баргузор гардид, ки дар он намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва Ҳамкории Аврупо, инчунин дигар созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ иштирок намуданд. Онҳо таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро дар ҳалли муноқишаҳои сиёсӣ падидаи нодир арзёбӣ намуданд ва барои дигар кишварҳову минтақаҳои ҷангзада ҳамчун намуна барои татбиқ тавсия доданд.

Бо кӯшишу талошҳои пайгирона ва ҷонбозиҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва пуштибонии халқи тамаддунофари тоҷик, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Руссия «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27 июни соли 1997 дар Муроҷиатнома ба муносибати имзо гардидани Созишномаи мазкур қайд намуданд ки: «Ҷидду ҷаҳд ва умедвориҳои 5-6 соли охир барои нигоҳ доштани давлати миллии тоҷикон маҳз дар ҳамин рӯзи саид ҷомаи амал пӯшид. Вале агар шумо раванди расидан ба ин рӯзи муборакро пеши назар оред, дарк мекунед, ки мо дар ин чанд соли охир чӣ қадар монеаю мушкилот ва гирифторию печидагиҳоро пушти сар кардем».

Ба шарофати соҳибихтиёр эълон гардидани худ, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеъ пайдо кард, ки сиёсати дохиливу хориҷии хешро мустақилона ва озодона бидуни мудохилаи дигар мамлакатҳо мувофиқи манфиату иродаи халқи Тоҷикистон муайян намояд ва бо давлатҳои хориҷӣ равобити сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба роҳ монда, онҳоро боз ҳам густариш диҳад.

Ҳифзи дастоварди нодир ва таърихии халқамон, яъне ваҳдати миллӣ вазифаи муҳимтарин ва аввалиндараҷаи тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад. Мо бояд шукрона кунем, ки ба чунин рӯзгори орому осуда ва сулҳу ваҳдати комил расидаем ва ҳоло таҷрибаи нодири сулҳи тоҷиконро созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва давлатҳои дунё меомӯзанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон дар арафаи иди Ваҳдати миллӣ гуфта буданд: “Мову шумо бояд як нуктаи бисёр муҳимро ҳамеша ва дар ҳама ҷой дар хотир дошта бошем, ки мо танҳо як Ватан, як сарзамини воҳиду муқаддас дорем ва дар ҷаҳон моро бо номи давлату Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон мешиносанд ва эҳтиром мекунанд”.

Бинобар ин, мо халқи шарафманди Тоҷикистон бояд ба қадри Ваҳдати миллӣ, ки неъмати беназиру бебаҳо буда, моро ба сулҳу осоиштагӣ ва сарчамъиву муттаҳидӣ расонид, бирасем ва моҳияти онро ба наслҳои имрӯзаву оянда ҳамчун раҳнамои зиндагӣ омӯзонем.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА АМНИЯТ ВА СУБОТИ ҶОМЕА



СУҲАЙЛИДИНОВА Дилноза
донишҷӯйи соли 1

Терроризму экстремизм ҳамчун вабои аср бо амалҳою ҳодисаҳои номатлуб ба оромию амнияти сайёра ва пойдории давлатҳо таҳдиду хатарҳо эҷод карда, амну осоиш ва ваҳдати халқу миллатҳоро аз байн мебаранд. Ҳол он ки ҳеҷ як шакли ҷомеа бидуни таъмини амнияти пурраи иҷтимоӣ рушду такомул нахоҳад кард. Аз ин рӯ дар марҳилаи нави рушди ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим ин тақвият бахшидани ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ, пойдор нигоҳ доштани Ваҳдати миллӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар баробари дигар кишвари ҷаҳон аз таъсири имконпазири ин падидаву зуҳуроти номатлуб истисно набуда, яке аз самти асосии сиёсати давлатии худро баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм равона кардааст.

Муҳиммияти мубориза бо терроризм ва экстремизм дар маркази диққати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, баҳри пешгирӣ ва аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»(с. 1996); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон « Дар бораи муқовимат бо экстремизм» (с.2003), ки заминаи мукаммали ҳуқуқии мубориза ва муқовимат бо терроризм ва экстремизмро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дар ин ҷода Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари Созмони Милали Муттаҳид доир ба ин падидаи номатлуб фикру мулоҳизаҳои худро баён намуда, ташаббускори барномаҳои мусоид алайҳи мубориза бо терроризм ва экстремизм гардидаанд.

Экстремизм аз калимаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus» гирифта шуда маънои луғавиаш ифротгароӣ, тундравӣ, фикру андешаҳо ва амалҳои тундравона, аз ҳад гузаштан, аз андоза гузаштанро дорад. Экстремист шахсест, ки дар фаъолияти худ ҷонибдори амалҳои якравию тундравӣ аст. Ин амалу зуҳурот метавонад, дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон- дар дин, сиёсат, илм ва ҳатто дар варзиш низ ба миён ояд.

Терроризм худ падидаи номатлуби ҷомеаи навин буда, фаҳмиши он дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили қатлу куштори инсон, даҳшатафканӣ, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншоотҳои гуногуни истеҳсолӣ ва маишиву фароғатӣ, рабудани воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ва амсоли инҳо дониста мешавад.

Экстремизм бошад, хислати ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва иғвоангезиро доро буда, бо терроризм алоқаи ногусастанӣ дорад. Ба таври дигар, мақсад ва оқибати экстремизм ин терроризм аст. Вале дар умум чунин баҳогузорӣ мебояд кард, ки ҳар ду ба истилоҳ комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доро буда, оқибати басо нанговар доранд.

Ҳаракатҳои террористӣ дар миқёси олам гуногун буда, онҳоро асосан ду унсури умумӣ ба ҳам муттаҳид мекунад: аввалан онҳо барои халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ ва суст намудани пояи ҳокимияти давлатӣ равона гардида ва дигар ин ки ин ҳаракатҳо дар байни аҳолӣ ҳиссиёти тарс, оҷизро ба вуҷуд меоваранд. Тибқи фасли 8, боби 21 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ аз моддаҳои 179 то 180 пешбинӣ менамояд. Тибқи моддаи 179 кодекси мазкур мафҳуми «терроризм», яъне содир намудани таркиш, сӯхтор, тирпаронӣ аз силоҳи оташфишон ва дигар кирдор, ки боиси хавфи марги одамон, расонидани зарари ҷиддӣ ба молу мулк ё ба миён омадани оқибатҳои дигари барои ҷамъият хавфнок мегардад, агар ин кирдор бо мақсади халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохтори низомӣ, тарсонидани аҳолӣ ё расонидани таъсир ҷиҳати аз ҷониби мақомоти ҳокимият қабул намудани қарор, инчунин таҳдиди анҷом додани кирдори зикршуда ба ҳамин мақсадҳо фаҳмида мешавад.

Зимни муайян намудани сабабу омилҳои таъсирпазири падидаҳои зикргардида, муҳаққиқон навъҳои гуногуни терроризм ва экстремизм, аз қабили терроризми сиёсӣ, динӣ, зиддиҷаҳонишавӣ, фарҳангӣ, миллатгароӣ, ахлоқӣ, ҷиноӣ, кибернетикӣ ва ғайраро муайян намудаанд, ки терроризму экстремизми диниро дар ҷаҳон аз ҳама беш хавфноку хатарнок барои аҳли башар маънидод намудаанд. Ба ақидаи аксар олимон низ экстремизм дар дин бештар хусусияти ҷалбнамоиро созгор мебошад ва он дар тамоми гӯшаву канори олам ба мушоҳида мерасад. Зеро дар бисёр мавридҳо ба назар мерасад, ки ифротгароӣ дар зери шиорҳои динӣ баромад намуда, аз номи дин ҳарф мезананд ва амалҳову аъмоли худро аҳкоми динӣ мешуморанд, ки пеш аз ҳама, ба хотири сӯиистифода аз шуури динии мардум равона гардида, ҳеҷ рабте ба арзишҳои динӣ ва аҳкоми он надорад. Чуноне, ки сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пайваста иброз медоранд: «Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ё миллат хос нест, яъне террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад». Гувоҳи ин он аст, ки ин амалҳои номатлуб рабте ба ягон дин ва аҳкоми он надоранд.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки имрӯз ҳар узви ҷомеаро зарур аст, ки бар зидди терроризму ифротгароӣ муборизаи беамон барад. Зеро танҳо дар ҳамоҳангӣ метавон бар зидди ин падидаҳои номатлуб ва хатарнок мубориза бурд. Танҳо ҷомеае, ки ватандӯсту ватанпарвар, худшиносу худогоҳанд, намегузоранд, ки оромиву сулҳу суботи кишвар халалдор гардад.

ТАЪЗИЯ

Садорат, ҳайати омӯзгорону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ аз даргузашти модари дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Шарипов Саидмузаффар сахт андӯҳгин буда, ба аъзои оила, хешу ақрабои марҳум аз даргоҳи Яздони пок сабри ҷамил хоҳонанд.




# МАКТАБИ ВАҲДАТОФАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - РОҲНАМОИ МО ҶАВОНОН

*Зиндагӣ дар диёре, ки ҳастияшро меъмори соҳибхираду сулҳҷуе чун Пешвои муаззами миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо хишти ваҳдату якдилӣ, сарбаландию саодатмандӣ, ягонагию якҷоягӣ ва дастаҷамъию якмаромӣ бо хираду ҷасорат ва бо зури бозӯи ҷон бино кардаасту ном Тоҷикистон аст орзӯи ҳак як сокини сайёра аст.*

Ҳеч як саҳифаи рангини таърихи ҷаҳонӣ асло қаҳрамоние, чун қаҳрамониҳои фарзандони фарзонаи халқи тоҷикро ёд надорад. Ҳазорон фарзандони сарсупардаи роҳи озодӣ дар орзӯи таъмини амтияту суботи ватани азизамон-Тоҷикистон сина сипар карда, аз ҷони худ гузашта, ин хоки аҷдодӣ, ин хоки бузургон ва ин хоки ниёгонро поку беолоиш ба мо ба мерос гузоштаанд.

Тоҷикистон сарзамини пурганҷ аст, вале боигарии асосии онро фарзандони фарзонааш ташкил медиҳанд, ки дар роҳи ваҳдату сулҳ муборизаи мардона бурдаанд иброз медоранд Пешвои муаззами миллат.

Аз ҷони худ гузаштан, сулҳу субот додан, халқеро ҷам намудан, дони умед коштан, нонеро ним намуда, бар бенавоён додан, дасти ятим гирифтан паҳлуи худ нишондан, кишвар обод намудан, дар дунё ном додан, парчам баланд кардан, тоҷик садо додан, тоҷикӣ ҳарф гуфтан як ҳазор дарси мактаби сулоҳафарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ваҳдату якмаромист.

Ин хокро пос ва обашро пок доштан барои ҳар як ҷавони даврони соҳибистиқлолии кишвар ҳам қарз ва ҳам фарз аст. Чунки ин сарзамин ёдест аз бузургон, ёдест аз ҷасурон ва ёдест аз азизон, ки то абад дар дили мо, дар ёди мо, дар забони мо ва дар ҷони мо зинда буданд, зинда ҳастанд ва зинда хоҳанд монд.

Мо фарзандони ин марзу бум, бо ифтихор метавонем бигӯем:

Ваҳдати миллӣ - рамзи зиндагии осоишта, пояи давлатдории устувор ва калиди фардои дурахшони мост!

**Пойдор бод Ваҳдати миллӣ!**



**НАСРУЛЛОЗОДА Зоир**
донишҷӯйи соли 2

# СУРАТГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ҲАЙАТИ УСТОДОНИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ ДАР ДОИРАИ “ҲАФТАИ ИЛМ”



















# ОЗОДИИ АҚИДА, ВИҶДОН ВА ДИН МУВОФИҚИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Озодии ақида, виҷдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мебошад, ки ба ҳар як инсон аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, ҷомеаи башарӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои ҷаҳон онҳоро эътироф, риоя ва ҳифз менамоянд. Озодии ақида, виҷдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои фитрию табиии инсон буда, ба гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд дохил мебошад.*

Озодии ақида, виҷдон ва дин дар ҳаёти ҳар як инсон аҳамияти муҳим дорад. Инсон дорои ҳуқуқу озодиҳое аст, ки шахсияти ӯро ҳамчун инсони комил кафолат медиҳанд. Махз, озодии ақида, виҷдон ва дин аз ҷумлаи ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст.

Ҷомеаи башарӣ дар симои Созмони Милали Мутаҳид барои ҳар як инсон зарурияти доштани озодии ақида, виҷдон ва динро дарк намуда, дар доираи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон озодии ақида, виҷдон ва динро барои ҳар як инсон ва шаҳрванд кафолат додааст. Мақсад аз ин кафолатдиҳӣ дар он аст, ки ҳеҷ ягон инсон ва шаҳрванд набояд аз ҷониби ягон шахс вобаста ба ақидааш, виҷдонаш ва эътиқоди диниаш зери таҳқир қарор дода шавад.



**Фируз ШОЕВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

Созмони Милали Муттаҳид дар асноди асосӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки оид ба ҳуқуқи инсон қабул кардааст, ҳуқуқ ба озодии ақида, виҷдон ва динро низ ҷой додааст. Озодии ақида, виҷдон ва дин дар моддаҳои 18 ва 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.), дар моддаҳои 18 ва 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон мустаҳкам карда шудааст.

Озодии ақида, виҷдон ва дин дар моддаи 18-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.) чунин оварда шудааст: «Ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ тағйири озодонаи дини худ ё эътиқод, пайравии озодонаи дин ё эътиқоди худ, чӣ бо тариқи инфиродӣ ва чӣ якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ таълим гирифтан, ибодат намудан ва иҷро кардани расму оинҳои динӣ ва маросимиро дар бар мегирад».

Озодии ақида, виҷдон ва динро моддаи 19-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (аз 10.12.1948 с.) чунин муқаррар кардааст: «Ҳар инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ озодии бемамониат доштан ва пайравӣ намудан ба ақидаи худ, бо ҳар восита ва сарфи назар аз худудҳои давлатӣ, ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту андешаро дар бар мегирад».

Озодии ақида, виҷдон ва дин дар моддаи 18-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) чунин оварда шудааст: «1. Ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштан ё қабул кардани дин ё эътиқод, озодии ба таври инфиродӣ ё якҷоя бо дигарон, ба таври оммавӣ ё хусусӣ ибодат намудан, иҷро кардани расму оинҳои диниву маросимӣ ва таълими динӣ гирифтанро дар бар мегирад. 2. Ҳеҷ кас набояд таҳти маҷбурияте қарор дода шавад, ки озодии ӯро дар мавриди бо хоҳиши худ қабул карданӣ дин ё эътиқод маҳдуд месозад. 3. Озодии пайравӣ кардан ба дин ё эътиқод танҳо ба андозае маҳдуд карда мешавад, ки тибқи қонун муқаррар гардидааст ва барои ҳимояи амнияти ҷамъиятӣ, тартибот, саломатӣ ва ахлоқ, ҳамчунин, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии дигар шахсон зарур аст. 4. Давлатҳои иштирокчии Паймони мазкур уҳдадор мешаванд, ки озодии падару модар ва дар холатҳои дахлдор васиёни қонуниро оид ба мувофиқи эътиқоди худ тарбияи динӣ ва ахлоқӣ намудани фарзандонашон эҳтиром намоянд».

Кафолатҳои озодии ақида, виҷдон ва дин дар моддаи 19-и Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (аз 16.12.1966 с.) чунин омадааст: «1. Ҳар инсон ҳуқуқ дорад, ки бемамониат аз ақидаҳои худ пайравӣ намояд. 2. Ҳар инсон ба изҳори мустақилонаи ақидаи худ ҳуқуқ дорад; ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ кардан, ба даст овардан ва паҳн намудани ҳама гуна маълумот ва андешаро, сарфи назар аз худудҳои давлат, шифоҳӣ, хатӣ ё тавассути матбуот ё шаклҳои бадеӣ ё дигар воситаҳои изҳори онҳоро бо интихоби худ дар бар мегирад. 3. Истифодаи ҳуқуқи дар банди 2 ҳамин модда пешбинишуда уҳдадориҳои махсус ва масъулияти махсусро вогузор менамояд. Истифодаи ҳуқуқи мазкур, бинобар ин метавонад аз маҳдудияте иборат бошад, ки онҳо тавассути қонун бояд муқаррар карда шаванд ва барои мақсадҳои зерин зарур мебошанд: a) барои эҳтироми ҳуқуқу эътибори шахсони дигар; b) барои ҳимояи амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқи аҳолӣ».

Ҳамин тавр, ҷомеаи башарӣ дар симои Созмони Милали Муттаҳид ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии ақида, виҷдон ва динро дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон кафолат додааст.

Озодии ақида, виҷдон ва дин дар ду сатҳ кафолат дода шудааст. Якум, дар сатҳи байналмилалӣ, дар санадҳои ҳуқуқии меъёрии байналмилалӣ. Дуюм, дар сатҳи дохилидавлатӣ (миллӣ), дар қонунгузориҳои давлатҳои алоҳида, яъне дар қонунгузориҳои миллӣ.

Озодии ақида, виҷдон ва дин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолатнок гардида, танзими ҳуқуқии худро ёфтааст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии ақида, виҷдон ва дин чунин аст:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6.11.1994 с.);
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с.);
3. Дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба озодии ақида, виҷдон ва дин ба танзим даровvarда, кафолатнок намудаанд;
4. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро оид ба озодии ақида, виҷдон ва дин эътироф кардааст;
5. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ оид ба озодии ақида, виҷдон ва дин.

Дар моддаи 26-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 6.11.1994 с.) озодии ақида, виҷдон ва дин чунин кафолатнок гардидааст: «Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни алоҳидае қабул карда шудааст, ки ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии ақида, виҷдон ва динро кафолат дода, масъалаҳое, ки дар ҷамъият вобаста ба озодии ақида, виҷдон ва эътиқоди динӣ бавуҷуд меоянд, ба танзим медарорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 26 марти соли 2009, № 489 қабул карда шуда, то имрӯз ба он ду маротиба – бо Қонуни ҶТ аз 28.06.2011 с., № 739 ва бо Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, № 1497 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с., № 489) аз муқаддима, 8 боб ва 36 модда иборат буда, муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ ба танзим даровarда, ба ҳар як инсон ва шаҳрванд озодии виҷдон ва эътиқоди диниро кафолат медиҳад.

Дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (аз 26.03.2009 с., № 489) мафҳумҳои озодии виҷдон, озодии пайравӣ ба дин чунин оварда шудаанд: «Озодии виҷдон – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои ихтиёрӣ ва мустақилона муайян намудани муносибати худ ба дин, ба танҳоӣ ё ба ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ва ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб кардан ва тағйир додани эътиқоди динӣ, инчунин баён намудан ва паҳн кардани ҳама гуна эътиқоди марбут ба дин ва ҷаҳонбинии атеистӣ»; «Озодии пайравӣ ба дин – ҳуқуқи ҳар як инсон ва шаҳрванд барои озодона ва мустақилона интихоб кардани ягон дин ва пайравӣ намудан ба он, иштирок дар ибодати динӣ, адои маросимҳои динӣ ва ба таълими динӣ».

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар қонунҳое низ қабул карда шудаанд, ки озодии ақида, виҷдон ва динро кафолат додаанд.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 31.12.2008 с. қабул карда шудааст, аз 01.04.2009 с. мавриди амал қарор дода шудааст) дар моддаи 86-и худ ҳуқуқ ба озодии эътиқоди диниро кафолат дода, чунин муқаррар намудааст: «1. Барои монеъ шудан ба амалӣ намудани ҳуқуқ ба озодии эътиқоди динӣ, аз ҷумла қабул намудани дин ва ё ақидаҳои динӣ ё дигар ақидаҳо ё рад намудани қабули онҳо, аъзо шудан ба иттиҳодияҳои динӣ ё баромадан аз узвияти онҳо, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор ба андозаи аз сӣ то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051). 2. Барои таҳқири ҳиссиёти динии шаҳрвандон ё хароб намудани ашё, нишона ва аломатҳои рамзӣ, ки мутобиқи эътиқоди онҳо мавриди парастиш мебошанд ҳангоми набудани аломатҳои таркиби ҷиноят (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051), ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз даҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад (Қонуни ҶТ аз 20.06.2024 № 2051).

Моддаи 157-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 21.05.1998 с. қабул карда шудааст, аз 01.09.1998 с. мавриди амал қарор дода шудааст) монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияи динӣ ном дошта, чунин муқаррар кардааст: «Монеъ шудан ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ки ба қонун зид намебошанд ё ба амали ба ҷо овардани маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовуз нанамоянд (Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1472), бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004 № 35, аз 6.10.2008 № 422)».

Ҳамин тариқ, озодии ақида, виҷдон ва дин яке аз ҳуқуқу озодиҳои шахсии инсон ва шаҳрванд буда, дар қонунгузории миллӣ кафолат дода шудааст. Давлат озодии ақида, виҷдон ва динро эътироф, риоя ва ҳифз намуда, тамоми тадбирҳоро дар самти таъмини озодии ақида, виҷдон ва дин андешида истодааст.

# РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ – ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КИШОВАРЗИИ СММ (ФАО)

*Ҳамкорӣ миёни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар замони муосир ба ҳисоб рафта, тавассути ҳамкории бисёрҷониба дар узвияти созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати рушди таъмини озуқаворӣ ва пешгирӣ намудан аз ҳама гуна ғизои носолим дар раванди ҷаҳонишавӣ, соҳаи таъмини озуқаворӣ боз ҳам инкишоф меёбад. Ҷаҳонишавӣ боиси он гардид, ки халалдор шудани амнияти озуқаворӣ дар як кишвар метавонад барои кишварҳои дигар низ хатар эҷод кунад.*



**Некруз ҚОДИРОВ**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Масъалаи ҳамкорӣ яке аз масъалаҳои марказии СММ ба ҳисоб меравад. Дар банди 3 моддаи 1 Оинномаи СММ қайд гардидааст, ки яке аз мақсадҳои СММ ба амал баровардани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ҳаллӣ масъалаҳои байналмилалии дорои хусусияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, гуманитарӣ тавассути васеъ намудани инкишофи эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, сарфи назар аз ҷинс, нажод ва ғ. ба ҳисоб меравад.

Зеро дар замони муосир ягон давлат наметавонад тамоми масъалаҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, илмиву техникиро бе ҳамкорӣ ба давлатҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл намояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳо дар соҳаи амнияти озуқаворӣ, ҳамкории кишварҳои рӯ ба рушд бо созмонҳои байналмилалӣ ба як унсури стратегии рушди устувор табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як кишвари аграрӣ-саноатӣ бо манбаҳои маҳдуди табиӣ аз ҷумла заминҳои кишоварзӣ бо назардошти он, ки 93 фисади ҳудуди кишварро кӯҳҳо ва танҳо 7 фисади онро ҳамвориҳо ташкил медиҳанд, инчунин бо мушкилоти тағйирёбии иқлим, рӯ ба рӯ мебошад, ки зарурати таъмини амнияти озуқавориро дучанд мегардонанд. Ҳалли ин масъалаҳо ба як муносибати ҷиддӣ ниёз дорад, ки таҳияи сиёсати самараноки аграрӣ, ҷалби таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосирро дар бар мегирад. Таъмини амнияти озуқаворӣ як раванди хеле мураккабест, ки аз хоҷагиҳои деҳқонӣ оғоз ёфта, дар мизи истеъмолкунанда ба охир мерасад.

Дар робита бо ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории худро бо Созмони байналмилалии озуқаворӣ ва кишоварзии СММ аз замони ба даст овардани истиқлолият барқарор намудааст. Дар ин замина санаи 29 апрели соли 2025 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Мудири кулли Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (минбаъд - ФАО) Тсю Донгюй мулоқот анҷом доданд. Зимни мулоқот масъалаҳои тақвияти иқтидори комплекси агросаноатӣ, таъмини низоми босуботи озуқаворӣ, мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва ҳифзи муҳити зист, мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Ҳамчунин, зимни мулоқот татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои идораи самараноки замин ва захираҳои об, беҳбуди бахши чорводорӣ, хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ҷангал, ҳифзи растаниҳо, дастрасӣ ба тухмиҳои хушсифат, идораи мубориза бо ҳашароти зараррасон ва ҷорӣ намудани навовариҳо ва технологияҳои муосири кишоварзӣ зарур шуморида шуд.



Бояд қайд намуд, ки қабл аз ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари расмии хеш ба Ҷумҳурии Италия санаи 25 апрели соли 2024 дар шаҳри Рим бо Мудири кулли ФАО Тсю Донгюй мулоқот анҷом дода буданд ва масъалаҳои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин созмон мавриди баррасӣ қарор дода буданд.

ФАО як муассисаи махсусгардонидашудаи СММ мебошад, ки то имрӯз 194 давлат ба он аъзо гардидааст. Созмон дар самти барҳам додани гуруснагӣ, баланд бардоштани сифати ғизо, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ фаъолият мекунад. Аз замони таъсисаш дар соли 1945, ин Созмон нақши марказиро дар ташаккули сиёсати ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ бозида, ба кишварҳои узв кӯмаки техникӣ ва молиявӣ мерасонад, то рушди бахши аграриро таъмин намоянд. Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи он мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд. Бар асоси он, ҳадафҳои асосии ФАО аз инҳо иборатанд:

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО дар асоси як қатор созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии миллӣ, ки амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ ва идоракунии устувори захираҳои табииро танзим мекунанд, сурат мегирад. Ҳадафи асосии ин ҳамкорӣ таъмини истиқлолияти озуқаворӣ, рушди комплекси агросаноатӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мебошад.

Механизмҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳамкорӣ ба меъёрҳои Оинномаи ФАО, созишномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ФАО, ӯҳдадориҳои байналмилалии кишвар дар доираи СММ инчунин, қонунгузории миллӣ такя мекунанд. Дар маҷмӯъ, онҳо низоми мукаммали танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ки ба ташаккули сиёсати аграрии устувор ва таъмини амнияти озуқаворӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Ҳуҷҷати асосие, ки фаъолияти ФАО-ро танзим мекунад, Оинномаи он мебошад, ки 16 октябри соли 1945 қабул шудааст. Дар ин санад принсипҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ муайян гардидаанд.

Оинномаи ФАО инчунин, уҳдадории кишварҳои узвро дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои самараноки соҳаи кишоварзӣ, ҳамоҳангсозии ташаббусҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо гуруснагӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонии таъминоти озуқаворӣ пешбинӣ мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1995 узви ФАО шудааст, ӯҳдадор аст, ки сиёсати миллии худро бо меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ созад. ФАО соли 2014 намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд.



**ҚУРБОНЗОДА Муҳаммад**
**докторанти PhD – и соли дуюми кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ**

Яке аз санадҳои муҳими ҳуқуқии ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФАО Созишномаи ҳамкорӣ, ки соли 1996 ба имзо расид, ки худи ҳамин сол дар асоси ин ҳуҷҷат шуъбаи ҳамоҳангсозии ҳолатҳои фавқулодда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода шуд. Чорабиниҳои аввал асосан ба қонеъ кардани дархостҳои фаврӣ дар бораи таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ ва кӯмак ба гурезаҳои баргашта равона карда шуда буданд. Инчунин, ФАО ва Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи дигари ҳамкориро соли 2016 ба имзо расониданд. Дар доираи созишномаи мазкур се самти асосии ҳмкорӣ яъне амнияти озуқаворӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва муқовимат ба тағйирёбии иқлим барои давраи солҳои 2016-2017 муайян карда шуда буд.

Инчунин, ФАО ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018 санади лоиҳавии «Баланд бардоштани иқтидори таҳкими амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани ғизо дар як қатор кишварҳои Қафқоз ва Осиёи Марказӣ» - ро имзо карданд.

Дар доираи ин созишнома, ФАО ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии методӣ ва машваратӣ пешниҳод намуда, дар таҳияи барномаҳои миллии рушди соҳаи кишоварзӣ, мониторинги амнияти озуқаворӣ ва ҷорӣ намудани тадбирҳои навсозии бахши аграрӣ мусоидат менамояд.

Тавофуқҳои болозикр самтҳои асосии ҳамкории дуҷонибаро муайян намуда, ба таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар комплекси агросаноатӣ равона шудаанд.

Ҳамин тариқ, ташрифи Директори кулли ФАО ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ФАО такони ҷиддӣ бахшида, дар мутобиқсозии стандартҳои миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди соҳаи аграрӣ имкон фароҳам оварда, дар оянда бо ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ин самт барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилӣ, мусоидат менамояд.

*Дар марҳилаи имрӯзаи рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии кишвар, истифодаи босамар ва сарфаҷӯёнаи неруи барқ ҳамчун омили муҳими субот ва пешрафти ҷомеа мақоми хоса пайдо намудааст. Солҳои охир, бо шарофати андешидани тадбирҳои муассир ва ислоҳоти соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои истеҳсоли неруи барқ дар кишвар ба маротиб афзоиш ёфтанд ва марҳала ба марҳала маҳдудиятҳои қаблан ҷорикардашуда аз миён бардошта шуданд. Ин пешрафт имконият дод, ки сокинон дастрасии бештари баркро эҳсос намоянд, аммо ҳамзамон сабаби он гардид, ки қисмати аҳолӣ дар истифодаи он ба зиёдаравӣ ва исрофкорӣ роҳ диҳанд.*

# САРФАИ НЕРУИ БАРҚ - РОҲИ УСТУВОР БА СӮЙИ ЗИНДАГИИ ОСОИШТА



НАЗАРЗОДА Сайёҳат донишҷӯи соли 4

Дар бисёр манзилҳои истиқоматӣ ба мушоҳида мерасад, ки сокинон бо истифодаи нодуруст ва бемавриди таҷҳизоти баркӣ ба буҷаи хонадони худ зиён мерасонанд. Ин дар ҳолест ки ҳанӯз соли 2009 бо имзои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия» зарурати гузаштан ба истифодаи лампаҳои камсарф ва дигар таҷҳизоти камэнергия таъкид шуда буд. Ҳадаф аз ин иқдом дар навбати аввал таъмини бештару босифати аҳолӣ бо қувваи барқ ва дар баробари он, пешгирии талафот ва исрофкорӣ буд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар баробари фароҳам овардани шароити таъминоти муназзами барқ, инчунин барои баланд бардоштани сатҳи савияи масъулияти шаҳрвандон ва таъсиси низоми муосири назорату баҳисобгирии хароҷоти барқ тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла ҷорӣ намудани механизмҳои электронии ҳисобкунии барқ, ислоҳоти низоми пардохт ва тақсимоти қувваи барқ боиси он гардид, ки сатҳи сарфакории аҳолӣ боло равад ва дар натиҷа садҳо хонавода имкони сарфа кардани маблағҳои буҷаи оилавию шахсии худро пайдо кунанд.

Ҳамзамон, Ҳукумати кишвар бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани соҳаи энергетика, дар баробари пешбурди лоиҳаҳои бузурги тавлиди барқ, инчунин дар самти таъмини риояи қонун ва муҳофизати манфиатҳои иқтисоди миллии давлат чораҳои иловагӣ андешидааст. Аз ҷумла, санаи 2-юми апрели соли 2025 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳои қонун дар бораи ворид намудани илова ва тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки барои пурзӯр намудани ҷавобгарӣ нисбат ба истифодаи ғайриқонунии неруи барқ равона шудаанд, қабул намуд.

Тибқи иттилои расмӣ, ин қонунҳо дар заминаи супориши Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия гардида, ҳадафи асосии онҳо пешгирии амалҳое чун тағйир додани нишондоди ҳисобкунакҳо, истифодаи ғайриқонунии барқ ва зарар расондан ба соҳаи иқтисод мебошад. Вазири адлия Музаффар Ашуриён зимни муаррифии лоиҳаҳо дар Маҷлиси намояндагон изҳор дошт, ки чунин амалҳои бемасъулиятона ба манфиатҳои миллӣ ва иқтисодии кишвар таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Аз ин рӯ, амалӣ шудани сиёсати энергетикии давлатӣ ва расидан ба зиндагии шоиста на танҳо вазифаи Ҳукумат, балки уҳдадории ҳар як фарди ҷомеа аст. Мо бояд бо ҳисси баланди масъулият қарзи шаҳрвандии худро адо намоем: аз истифодабарии таҷҳизоти каммасраф истифода барем, маблағи баркро сари вақт пардохт намоем ва аз исрофкорӣ ҷилавгирӣ кунем. Танҳо бо чунин муносибати дурусту аҳамиятнок мо метавонем ояндаи равшану дурахшони кишварро таҳким бахшем ва ба орзуву ормони зиндагии шоистаи миллӣ расем.

Сарфакорӣ - на танҳо воситаи коҳиши хароҷот, балки роҳи устувор ба сӯи зиндагии беҳтару осоишта барои ҳар як шахс, оила ва тамоми миллат ба шумор меравад.

# ҶАВОНОН - НЕРУИ СОЗАНДА

*Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар харитаи сиёсии дунё арзи ҳастӣ намуд, ки барои расидан ба ин дастовард ҷавонон нақши бориз доранд. Имрӯзҳо вазифа ва рисолати авалиндараҷаи мо ҷавонон таҳкими сулҳу субот ва нигоҳдориву оромии мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ҳар як ҷавон, ки худро соҳибватан меҳисобад, бояд ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надиҳад. Ҳамаи андешаву кӯшиши худро ҷиҳати таъмини волоияти қонун, болоравии эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва таҳкими ваҳдату ягонагӣ равона намоед.*



ИСМОИЛЗОДА Зиёратшоҳ судяи суди ноҳияи Шоҳмансур

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳ равшан ба назар мерасад. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пайдарпайи пешомада Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод. Дар ин давра яке аз дастовардҳои арзишманд ин мулоқоти нахустини расмии роҳбари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонони ҷумҳурӣ 2 феврали соли 1993 махсуб меёбад. Ин нишонаи дарвоқеъ ғамхор, пуштибон, дастгир ва парастор будани Сарвари кишварро нисбат ба ҷавонон ҳамчун қишри муҳимми ҷомеа инъикос менамояд.

Ҳукумати ҶТ бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон пайвастабарои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҷораҳо ва тадбирҳои мушаххас меандешад.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як мамлакат ояндаи худро дар симои ҷавонони хушёру болаёқат ва ояндасози худ дида метавонад. Ҷавонон сутуни устувори ҷомеаанд, зеро халқаи пайванди наслҳои башар махсуб меёбанд. Онҳо метавонанд иқтидори иҷтимоӣ, сарватҳои маънавӣ ва арзишҳои ахлоқии гузаштагони моро ба мерос баранд, зеро онҳо ҳамчун неруи қавӣ дар ҳама давру замон созанда ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавон мебошад ва зиёда аз 70 фисади аҳолии онро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин миқдор шумора дар воқеъ қувваи бузурги пешбарандаи хоҷагиҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Дар кишвар эълон гардидани соли 2017 "Соли ҷавонон" ин бори дигар собит намуд ки мо ҷавонон пайваста зери таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошем ва чи тавре, ки дар ироаи паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ 22 декабри соли 2017 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотирнишон намуданд "Ғамхории Ҳукумат нисбат ба ҷавонон танҳо бо Соли ҷавонон маҳдуд намешавад. Баръакс, ҳалли масъалаҳои вобаста ба наврасону ҷавонон минбаъд низ самти муҳимтарини фаъолияти мо хоҳад буд".

Дар замони истиқлолият дар кишвар барои ҷавонон таъсис додани стипендияи Президентӣ, идрорпулиҳои раисони вилоят, шаҳру ноҳия, ҷоизаи "Исмоили Сомонӣ" барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, бунёди муассисаҳои олии таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ, варзишгоҳҳои замонавӣ, таъсис додани Квотаи Президентӣ, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастгириҳои Сарвари давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон мебошад.

Нисбат ба ҷавонон ғамхориву дастгирӣ намудан ва дуруст ба роҳ мондани тарбияи онҳо аз тарафи Ҳукумати кишвар якчанд барономаву стратегияҳо қабул карда шудаанд, ки ҷавононро ба фардои дурахшони Ватан умедвор мекунанд.

Имрӯз ҷавонони кордони ботадбир ва саодатманду сарбаланди мо дар ҳама соҳаҳои ҳаётан муҳимми мамлакат дар вазифаҳои пурмасъулу роҳбарикунанда кору фаъолият менамоянд ва дар раванди пешрафту ободонии Ватани азизамон нақш ва саҳми арзандаи худро мегузоранд.

Мо насли ояндасози миллати куҳанбунёди тоҷик ҷавобан ба ғамхориҳои Пешвои ҷавононпарвари миллат бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии миллӣ ваъда медиҳем, ки ҳар як лаҳза зиракии сиёсиро аз даст надода, пайваста аз пайи омӯзиш гардида, Ватани маҳбубамон Тоҷикистони беназирро боз ҳам дида ободу зебо гардонида, мавқеъи онро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам болотар бардорем ва дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва арзишҳои миллиро ҳимоя намуда, бо масъулияти баланди шаҳрвандӣ ва ифтихори миллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаётӣ хоҷагии халқ фаъолияти пурсамар ва баҳри пойдориву устувории давлати хеш, таҳкими Ваҳдати миллӣ, самимона ва фарзандона хизмати содиқона хоҳем кард.



# ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ҚУВВАИ БАРҚ: ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТӢ ВА МАЪМУРӢ ДАР САМТИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОИДА ВА МЕЪЁРҲОИ ИСТИФОДАИ ҚУВВАИ БАРҚ



**САИДЗОДА Абдулмаҷид**
**прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як самти муҳим ва стратегӣ дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мебошад. Тоҷикистон дорои манбаъҳои бойи энергетикӣ, бахусус манбаъҳои обӣ аст, ки дар рушди соҳа энрегетикаи сабз нақши муҳим доранд. Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми кӯшишҳоро барои беҳтар кардани инфраструктураи энергетикии худ ва таъмини аҳолӣ бо барқ истифода мекунад. Манбаъҳои асосии энергия дар Тоҷикистон гидроэнергетика мебошанд.

Яке аз мушкилотҳои калон, ки ба рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири манфӣ мерасонад нодуруст истифода намудани қувваи барқ ва ё ғайри қонунӣ истифодаи он мебошад. Мушкилот ва проблемаҳои масрафи кувваи барқ метавонанд ба хелҳои гуногун ва омилҳои зиёде вобаста бошанд. Дар таҳлили умумӣ, онҳо метавонанд бо мушкилоти иқтисодӣ, муҳити зист, ва технологӣ рабт дошта бошанд. Баъзе аз мушкилот ва проблемаҳои асосии масрафи кувваи барқ ба ҳисоб меравад. Масрафи зиёди кувваи барқ дар баъзе кишварҳо ё минтақаҳо, ки метавонад бо сабабҳои мухталиф ба мисли беқувватии инфрасохтор, таъмири кам ё норасоиҳои интиқоли барқ дар шабакаҳо иртибот дошта бошад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии истифодаи сарфаҷӯёнаи энергия», ки дар соли 2009 ба имзо расида буд, ба ҳадафи беҳтар кардани самаранокии истифодаи неруи барқ ва ташвиқи сарфаи он қабул гардид. Тавре ки маълум аст, дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон, беҳбудии истифодаи қувваи барқ ва сарфаи он аҳамияти баланд дорад, ки на танҳо сабаби коҳиш ёфтани хароҷоти иқтисодӣ, балки инчунин таъсири мусбат ба муҳити зист мегузорад.

Бо ин мақсад Қонуни ҶТ «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» 19 сентябри соли 2013, № 1018 қабул карда шуд. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия танзим намуда, тартиби истифодаи захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикиро муайян менамояд. Мутобқи қонуни мазкур сарфаҷӯии энергия — истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия мебошад. Ташкилотҳое, ки истеъмолкунандагонро бо захираҳо ва маҳсулоти сӯзишворию энергетикӣ таъмин мекунанд, вазифадоранд ба истеъмолкунандагони мазкур аз тарзу усулҳои сарфаи захираҳои энергетикӣ ва самараноктар истифода бурдани онҳо мунтазам маълумот диҳанд, аз ҷумла ин иттилоотро дар шабакаи «Интернет», дар ҳомилҳои коғазӣ ва воситаҳои дигари дастрас ҷойгир намоянд.

Барои муҳофизат кардани соҳаи энергетикаи кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тадбирҳои муассир барои кам кардани талафоти барқ ва беҳтар кардани инфрасохтори энергетикӣ таъкид кардааст. Ҳукумати кишвар инчунин ба истифодаи технологиҳои навин ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика аҳамияти махсус медиҳад, ки ба рушди устувор ва беҳтар шудани сифати зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Барои пешгирӣ аз истифодаи ғайриқонунии барқ, меъёри нав ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ки барои тағйир додани нишондоди ҳисобҳои барқ ва истифодаи ғайриқонунии қувваи барқ ҷазоҳои сахт таъин мекунанд. 2-юми апрели соли ҷорӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо мақсади таҳкими ҷавобгарии шахсони воқеӣ, мансабдор ва ҳуқуқӣ барои истифодаи ғайриқонунии неруи барқ таҳия шудаанд, қабул намуд. Лоиҳаҳои мазкур дар асоси супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 27-уми марти соли 2025 дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд, аз ҷониби Вазорати адлия таҳия гардидаанд.

Мутобиқи лоиҳа, ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 2531 илова карда шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани қоидаҳо ва меъёрҳои истифодаи неруи барқ пешбинӣ менамояд.

Истеъмоли энергия аз истеҳсоли он ҷудонашаванда аст, зеро он аз иқтидорҳои энергетикӣ ҷудо нест. Ин аз фаҳмиш ва фаъолияти тамоми системаи энергетикӣ, ки маҷмуи захираҳои энергетикӣ, усулҳои истеҳсол, табдилдиҳӣ, тақсимот, истифодабарии онҳо, инчунин воситаҳои техникӣ ва комплексҳои ташкилӣ мебошад, ки таъмини истеъмолкунандагонро бо навъҳои мувофиқ таъмин мекунанд, бармеояд.

Дар заминаи таҳқиқи мазкур камбудиҳои як қатор масъалаҳои марбут ба ин категорияи ҷиноятҳоро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, омӯзиши масъалаҳои марбут ба объекти бевоситаи ҷиноят, предмети он, муайян кардани дараҷаи зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зикр кардан зарур аст. Аз таҳлили меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба намудҳои мушаххаси насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ ворид намудани меъёрҳои алоҳида саривақтӣ мебошад.

Ворид намудани меъёри алоҳида дар КҶ ҶТ дар бораи “Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ” боз ҳам ҳифзи муносибатҳои истифодабарии қувваи барқро дуруст ба роҳ мемонад.

Бо ин мақсад аз тарафи мақоми қонунбурор дар КҶ ҶТ Моддаи 2531 “Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ” чунин муқаррарот ворид карда шуд: “Аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ, инчунин истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ, агар чунин кирдор дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад”.

Меъёри мазкур дар бораи дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва истифодаи қувваи барқ ба таври ғайриқонунӣ маълумот медиҳад. Албатта, ки ин бо мақсади пешгирии пардохти маблағ барои истифодаи қувваи барқ ва насупоридани ҳисоботҳои дуруст таҳия шуда аст. Аз рӯи меъёри мазкур ду амали мустақилро муайян кардан мумкин аст:

Аз берун дахолат намудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади насупоридани маблағи истифодаи қувваи барқ... Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунӣ ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ..

Дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ яъне ба таври расмӣ, дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он бо мақсади паст кардани ҳисоб ё насупоридани маблағ қонунӣ мебошад.Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунии дуруст ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ яъне агар як шахс ё ташкилот қувваи барқро бе пайваст шудан ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ истифода кунад, он ҳамчунин як амали ғайриқонунист ва сазовори ҷазо эътироф карда мешавад.

Барои ба ҷавобгарии ҷинояти кашидан барои содир намудани кирдорҳои дар моддаи 2531, албатта, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин кирдор, пешбини шудааст. Қисмати якуми моддаи мазкур переюдиксияи маъмуриро пешбини менамояд.

Вақте ки сухан дар бораи «дахолат ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ ва тағйир додани нишондоди он», меравад, кирдори шахс дар шакли тағйир ё ихтилоф дар нишондодҳои ҳисобкунӣ равона карда мешавад, ки бо мақсади кам кардани ё манъ кардани ҳисоби ҳақиқии истифодаи қувваи барқ сурат мегирад. Ҳамин тавр, одамон ё ташкилотҳо, ки барои кам кардани ё нодида гирифтани ҳисоби дурусти истифодаи барқ амал мекунанд, ки кирдори онҳо дар натиҷа оқибатҳои ҳуқуқӣ ҷиноятиро ба бор меоварад.

Истифодаи қувваи барқ бе пайвасткунии ба таҷҳизоти ҳисоби барқӣ дар мавридест, ки шахс ё ташкилот қувваи барқро бе васли дурусти ҳисобот ва бе истифодаи таҷҳизоти ҳисобкунӣ гирифта, истифода мебарад.

Дар маҷмӯъ, агар кирдоре, дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ дубора ба амал ояд, он дар назар дорад, ки яке аз шартҳои ҳуқуқӣ ҷиноятӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан асос мешавад.

Вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ метавонад таҳдидҳои ҷиддӣ ба бехатарӣ ва муҳити атроф эҷод кунад. Ҳар як фалокат ё садамае, ки бар асари вайрон кардани ин қоидаҳо рӯй медиҳад, метавонад на танҳо ба шахсиятҳо, балки ба ҷомеа низ зарар расонад.



# АЗ МОҲИЯТИ ТЕРРОРИЗМ ТО ЗАРУРАТИ МУҚОВИМАТ БО ОН



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ иброз медоранд, ки «ифротгароӣ, таассуб, хурофот, коштани тухми хусуматҳои динӣ ва мазҳабӣ, дар роҳи дин қурбон шудани одамон, суиистифода намудан аз ислом бо мақсадҳои сиёсӣ, шахсӣ, гурӯҳӣ ва дигар амалҳои манфии барои ҷомеаи муосир хавфнок моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем». Ин суханони пурҳикмати Пешвои миллат бояд сармашқи кори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ бошад. Вақтҳои охир дар бораи терроризм хеле зиёд мегӯянду менависанд. Ба сифати ҷавоне, ки то андозае аз рӯйдодҳои ҷаҳон огоҳам хулосаам ин аст, ки зиёд гардидани таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур ба авзои ҷаҳони муосир вобаста мебошад. Барои мисол, то чанд сол қабл ҷомеаи Аврупо фикр мекарданд, ки терроризм ба онҳо хатар надоранд. Вале сахт иштибоҳ карданд.

Қабл аз ҳама, бояд ёдовар шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои зиёд дар самти муқовимат ба зуҳуроти мазкур тадбирҳои муассир меандешад. Бамаврид аст, ки таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз Паёмашон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат (22-юми декабри соли 2017) иқтибос орем: «Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест».

Гузашти вақти на он қадар зиёд собит намуд, ки муайяну мушаххас намудани принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, мукаммал кардани асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирӣ ва мубориза бо он, мавриди истифода қарор додани усулҳои наву муассири бартараф намудани оқибатҳои амали террористӣ бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ зарур аст. Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм», «терроризм ин мафкуран зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти



АБДУЛЛОЗОДА Абдулло
донишҷӯйи соли 1

давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад».

Донистан муфид аст, ки террорист шахси воқеӣ буда, дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ё мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад. Аз далелу рақамҳо бармеояд, ки терроризм ва ифротгароӣ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ибтидои мавҷудияти инсоният зуҳур кардааст, дар байни ифротгарой ва терроризм алоқамандӣ мавҷуд аст, аммо набояд ин ду мафҳумро ба ҳам монанд кард. Агарчанде онҳо як решаи умумии иҷтимоӣ, сиёсӣ доранд, дар шаклҳои гуногуни фаъолият зуҳур мекунанд.

Терроризмро, бо истисноии баъзе ҷузъиёти он, ҳамчун қисми таркибии ифротгароӣ, зуҳуроти нисбатан равшани он тасаввур кардан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, вобаста ба шиддат гирифтани равандҳои марбут ба ҷаҳонишавӣ мо, ҷавонон бояд эҳтироми арҷгузорӣ ба ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сармашқи кор қарор диҳем. Ҳамчунин, бояд дар хотир дошта бошем, ки Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва истиқлолият расидан рисолати асосии мост.

# БОРЬБА С ТЕРРОРИЗМОМ ОСНОВНАЯ ЗАДАЧА КАЖДОГО ЧЕЛОВЕКА



Фарзона МЕЛИБОЕВА
студентка 1-го курса

В нашем нынешнем мире терроризм и экстремизм являются одними из самых опасных вызовов для безопасности обществ и государств. Эти явления наносят вред не только отдельным людям, но и целым странам, разрушая экономику, политическую стабильность и общественный порядок. Также подрывают основы мирного сосуществования.

По сей день терроризм и экстремизм стали синонимами страха и боли. Эти явления приносят гибель, разрушение, несчастье невинным людям и разжигают ненависть. Они противоположны всему, что делает общество сильным: единству, уважению, справедливости.

Терроризм — преступная деятельность, основанная на применении насилия или угрозы насилия ради достижения религиозных, политических или идеологических целей. Террористы стремятся посеять страх, повлиять на решения властей. Обычно их действия направлены против мирных граждан, что делает терроризм особенно жестокой формой насилия.

Экстремизм — крайние взгляды и действия, отвергающие компромисс и толерантность. Экстремисты чаще всего могут не прибегать к террору напрямую, но именно их идеи часто становятся идеологической основой для радикализации отдельных людей и групп, что в конечном итоге ведёт к террористическим актам.

Террористы используют насилие, чтобы добиться своих целей. Им не важно, кто страдает — старики, дети, обычные прохожие, матери или жены. Их цель — сломать, запугать, навязать свою волю. Экстремизм — это почва, на которой вырастают такие идеи. Это отказ от человечности, от диалога. Это фанатизм и ненависть, превращённые в оружие.

Современные террористические и экстремистские движения используют новые технологии, в том числе интернет и социальные сети, для вербовки, пропаганды и координации своих действий.

Причины этих явлений могут быть разными, по типу: отсутствие образования, социальное неравенство, религиозные и политические вопросы, а также влияние группировок через интернет и социальные сети. Чаще всего с этим связываются молодые люди, которые ищут поддержку, смысл жизни, впадают в депрессию и попадают под влияние агрессивной пропаганды.

Борьба с терроризмом и экстремизмом требует осторожного, обдуманного и комплексного подхода. Этот процесс должен иметь не только силовые меры — работу спецслужб и правоохранительных органов, — но и профилактику: развитие образования, поддержку молодежи, продвижение идей мира, уважения и диалога между культурами. Международное сотрудничество играет важную роль, ведь терроризм не знает границ.

Также борьба с терроризмом и экстремизмом — это обязанность не только государства, но и каждого человека. Только через объединение усилий, просвещение и терпимость возможно сохранить мир и безопасность в современном обществе. Противостояние этому явлению — это не разовая акция, а долгосрочная стратегия, долгий процесс, которая требует усилий государства, общества и каждого гражданина.



# ДЕНЬ МОЛОДЕЖИ – ПРАЗДНИК ЭНЕРГИИ, МЕЧТЫ И БУДУЩЕГО



РАХМОН Нохид
студентка 2-го курса

*Патриотизм, уверенность в будущем своей страны и желание сделать ее лучше – вот главное, что должно быть у сегодняшней молодежи. День молодежи – это не просто дата в календаре, это торжество энергии, надежд и стремлений. Он олицетворяет мощь молодого поколения, его мечты, свободу выбора и желание преображать мир к лучшему. Каждое государство созидает своё будущее, основываясь на силе, энергии и вдохновении молодежи. В Республике Таджикистан День молодежи, празднуемый 23 мая, стал символом уважения к молодому поколению и его важной роли в жизни державы.*

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон неоднократно обращался к молодёжи, подчёркивая её ключевую роль в развитии страны. В своих посланиях и выступлениях он акцентирует внимание на важности образования, патриотизма и активного участия молодого поколения в общественной жизни.

Действительно, молодёжь – это сердце нации, её дыхание и движение. Именно в молодом возрасте рождаются смелые идеи, создаются масштабные проекты, закладываются основы будущей карьеры и взрослой жизни. Сегодняшние школьники, студенты, молодые специалисты – это завтрашние учёные, врачи, инженеры, юристы. От их образования, моральных качеств и устремлений зависит, каким будет Таджикистан в грядущем. Поэтому государство придаёт большое значение развитию молодежной политики, создавая условия для образования, профессионального роста и творческой реализации молодых людей.



Этот праздник – прекрасный повод задуматься о своем месте в жизни, о целях, к которым хочется идти несмотря ни на что.

Он вдохновляет на новые свершения, объединяет активных и неравнодушных личностей, тех, кто готов брать на себя ответственность за перемены в стране и мире.

Этот день напоминает нам всем: у молодого поколения есть сила изменить мир к лучшему. Главное – поддержать их, выслушать и дать возможности. Ведь когда молодежь чувствует, что в неё верят, она способна на невозможное. Пусть День молодежи станет для каждого молодого человека началом большого пути – пути знаний, созидания и любви к Родине. Ведь именно в их руках – светлое будущее Таджикистана.

# LONG LIVE YOUTH AND YOUNG PEOPLE



Benazir RAHIMOVA
student of 3rd course

*Our beloved country, Tajikistan, is a young and independent state, and along with the country's youth, almost 70 percent of the population is made up of young people. That is why the government of the country, from the first years of independence and the implementation of state policy, has set a high priority on this important segment of society and creative and innovative force.*

May 23rd plays a valuable and historical role in the lives of the country's youth. Since it was in this very year, 1997, the beloved Head of our country, Emomali Rahmon, during his regular meeting with talented youth, declared May 23rd as Youth Day. Beginning in 1997, on the basis of the legislative initiative of the Esteemed Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, as a symbol of special respect and recognition for the achievements of the nation's youth in establishing and maintaining peace and stability, and their effective role in protecting the achievements of state independence and the borders of the ancestral land, Tajikistan's Youth Day was included in the calendar of state holidays. Every year, the young generation welcomes this valuable date with special splendor and magnificence.

In order to further activate youth, laws, resolutions, and state programs have been adopted, including the Law of the Republic of Tajikistan «On State Youth Policy», which has opened up even wider avenues for uniting youth, protecting the borders and homeland of Tajikistan, strengthening the foundations of statehood, and their constructive and creative work. Also, at the same time, the «Strategy of State Youth Policy in the Republic of Tajikistan» was adopted, which all raised the need for youth participation in solving urgent tasks of the country's socio-economic development.

Today, the Government of the country, led by the Leader of the Nation, comprehensively supports the creative initiatives and proposals of young people and has created good opportunities for their implementation. Along with such support and care from the Head of State, today's youth should be the most active segment of society, preserving the creative and constructive initiatives of the Leader of the Nation and the era of independence with a high sense of patriotism, and contributing to the political and social life of the country with warm hands, hearts, and constructive energy.



We, the youth, must protect the security of the state and the honor and dignity of patriotism, protecting ourselves from all the unwanted dangers and dangers of a hostile world. Patriotism and love for the homeland among young people in the modern era have acquired particular importance, and it is necessary and essential for every proud and honorable youth of the country to engage in the study of science and knowledge, professions and crafts, to know the past history of their people, which is full of ups and downs, to respect the historical and cultural values of the nation, to value the worth of this civilization-creating nation above all else, and in general, to be self-aware and conscious.

# ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА АМАЛИСОЗИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Меҳроб САФАРОВ
донишҷӯйи соли 3

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ зери роҳнамоиҳову иқдомоти созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба эҷоди сиёсати дурбинона ва муваффақонаи давлатии ҷавонон пардохт ва тавонист дар ин бахш ба натиҷаҳои беназир, ки муҳайё сохтани шароити мусоиди рушдро барои ҷавонон дар бар мегирад, даст ёбад.

Ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон шартан ба 3 марҳила тақсим намуд.

## МАРҲИЛАИ АВВАЛ

Бори аввал сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 13 марти соли 1992, №561 мавриди танзим қарор гирифт, ки он аз 6 фаслу 28 модда иборат буд ва доираи васеи ҳуқуқҳоро барои ҷавонон кафолат дода, механизми татбиқсозии сиёсати давлатии ҷавононро пешбинӣ мекард.

## МАРҲИЛАИ ДУВВУМ

Бо қабули Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеаи дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваст ва он ба сиёсати давлатии ҷавонон бетаъсир намонд. Маҳз ҳамин дигаргуниҳо зарурати қабули қонунро дар тарҳи нав ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, 15 июли соли 2004, №52 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" бо фарогирии 6 боб ва 32 модда қабул гардид. Қонуни нав нисбатан такмилёфта буда, ба фарқ аз қонуни пешина масоили бештарро дар соҳаи ҷавонон мавриди танзим қарор медод. Ба қонуни зикргардида 2 маротиба тағйиру илова ворид карда шуд ва соли 2014 дар заминаи ин иловаҳо таъсиси Шӯрои кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шуд, ки ин рӯйдодро метавон ҳамчун марҳилаи нави ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ намуд.

## МАРҲИЛАИ СЕЮМ

Мусаллам аст, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳоли рушд ва дигаргуншавиҳо қарордошта, такмили пайвастаи қонунгузории мавҷударо тақозо менамояд. Бо гузора шудани 17 сол аз қабули қонуни дуюм дар самти сиёсати давлатии ҷавонон зарурати таҳия ва қабули қонун нав ба вуҷуд омад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", ки дарбаргирандаи 5 боб ва 33 модда аст, бори сеюм 23 декабри соли 2021, №1830 ба имзо расид.

Дар ҳоли ҳозир қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни болозикр, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Дар заминаи Қонуни мазкур ва ҷиҳати татбиқи меъёрҳои он имрӯз дар кишвар як қатор барномаву стратегияҳои давлатӣ амалӣ гардидаистодаанд, ки аз заминаи мусоиди ҳуқуқии амалисозии сиёсати давлати ҷаонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Аз ҷумла, ҳадаф ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян намуда, ҳамчун механизми амалиёбии бонизоми он таҳия гардидааст.

Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №567 Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 қабул гардид, ки он яке аз механизмҳои асосии татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб рафта, имконияти воқеиро оид ба фароҳам овардани шароити иштирок ва мусоидат дар ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳаёти ҷавонон муҳайё месозад.

Дигар санади муҳим дар самти сиёсати давлатии ҷавонон, ки амалишавии он дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди тамаддунҳо муҳим арзёбӣ мегардад, ин Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 маҳсуб мегардад.

Дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва фароҳамоварии заминаи мусоиди ҳуқуқӣ нақши санадҳои болозикр ва дигар санадҳои мавҷуда калидӣ маҳсуб мегардад. Маҳз эҷоди фазои мусоиди ҳуқуқӣ баҳри амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ба он овардааст, ки имрӯз дар кишвар шароити зарурии рушд барои ҷавонони саодатманди диёр фароҳам оварда шавад.

Ҷавонони моро месазад, то бо шукургузорӣ аз фазои сулҳу суботи сартосарии кишвар ва бо истифода шароити мусоиди мавҷуда баҳри омӯзиши илму ҳунар ва донишу малакаҳои замони муосир камари ҳиммат баста, дар атрофи сиёсати ҷавонпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гарданду Тоҷикистони азизамонро дар минбарҳои сатҳи баланд ва майдонҳои ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд.

